Тибқи муқаррароти Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021–2025, кормандони милитсия хизматчиёни давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ буда, бояд дар сатҳи имконпазири ниҳоӣ дорои ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бошанд [5]. Бахусус, кормандони милитсия ҳуқуқи ташкил намудани ташкилотҳои касбӣ ё иштирок дар кори онҳо, гирифтани имтиёзҳои ба хавфу хатар, вазнинӣ ва мушкилоти кор мутаносиб, мукофотпулиҳои кофӣ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти оила ва таъминоти иҷтимоию манзилии арзандаро доранд [5]. Ғайр аз ин, бо назардошти хусусияти бо хавфу хатари зиёд алоқамандӣ доштани кори милитсия, онҳо бояд бо хизматрасониҳои махсуси ройгони тандурустӣ, чораҳои ҳимоявии ҷисмонӣ, равонӣ ва ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда шаванд. Ҷадвали кории шиддатноки кормандони милитсияро ба назар гирифта, бояд баҳри

таъмини дастрасӣ доштани фарзандон ва дигар аъзои оилаи онҳо ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ, имтиёзҳои дахлдор пешниҳод карда шаванд.

Ҳамчунин санади меъёрии ҳуқуқии мазкур муайян менамояд, ки чунин имтиёзҳо ва дигар таъминотҳои иҷтимоӣ–ҳуқуқии кормандони милитсия дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи политсия» [6] бояд ҳалли худро ёбанд.

Дар охир қайд кардан ба маврид аст, ки масъулияти баланди гурӯҳи корӣ оид ба омода намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи политсия» метавонад, ки ҳалли мушкилиҳои муайяншударо аз ҷиҳати меъёрӣ–назариявӣ ва ҷаҳду талоши роҳбарияти мақомот аз ҷиҳати амалӣ муайян намуда, дар ҳаёт воқеӣ гардонад.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17–уми майи соли 2004, № 41 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2004, №5, мод. 352; (Қонуни ҶТ аз 17.12.2020 с., № 1736).
2. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23–юми июли с. 2016, № 1329 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2016, №7, мод. 604.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5–уми марти с. 2007, № 233 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166, № 6, мод. 429; с. 2010, № 3, мод.158; с. 2011, № 6, мод. 452; с. 2012, № 8, мод.834; № 12, қ.1, мод.1008; с. 2013, № 7 мод., 542; № 12, мод.905; (Қонунҳои ҶТ аз с. 2019, № 4–5, мод. 225; с. 2020, № 1, мод.18).
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7–уми августи с. 2020, № 1714 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2020. № 7–9, мод. 620.
5. Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021–2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1–уми июни с. 2021, № 211 тасдиқ шуд // Маҳзани марказонидашудаи маълумоти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Adlia»–и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. Версия 7.0.
6. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи политсия» // [Маҳзани электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://www.vkd.tj/index.php/tj/masoili–mubram/23997–portali–savdoi–to–ikiston–https–tajtrade–tj–l–tj (санаи мурочиат: 28.12.2022).

**References**

1. Law of the Republic of Tajikistan «On Militia» dated May 17, 2004, No. 41 // News of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan p. 2004, No. 5, art. 352; (Law of the Republic of Tajikistan dated 17.12.2020, No. 1736).
2. Labor Code of the Republic of Tajikistan dated July 23, p. 2016, No. 1329 // News of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, p. 2016, No. 7, art. 604.
3. The Law of the Republic of Tajikistan «On Public Service» dated March 5, p. 2007, No. 233 // News of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan, p. 2007, No. 3, art. 166, No. 6, Art. 429; s. 2010, No. 3, Article 158; s. 2011, No. 6, art. 452; s. 2012, No. 8, Article 834; No. 12, q.1, article 1008; s. 2013, No. 7 article, 542; No. 12, article 905; (Laws of the Republic of Tajikistan from p. 2019, No. 4–5, art. 225; p. 2020, No. 1, art. 18).
4. The Law of the Republic of Tajikistan «On Combating Corruption» dated August 7, p. 2020, No. 1714 // News of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan p. 2020. No. 7–9, art. 620.
5. The police reform program for 2021–2025, which was approved by the Government of the Republic of Tajikistan on June 1. 2021, No. 211 was approved // Centralized database of legal information of the Republic of Tajikistan «Adlia» of the Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan, 2022. Version 7.0.
6. Draft Law of the Republic of Tajikistan «On Police» // [Electronic database] – Access mode: https://www.vkd.tj/index.php/tj/masoili–mubram/23997–portali–savdoi–to–ikiston –https–tajtrade–tj–l–tj (access date: 28.12.2022).

**ТДУ 340.1**

# ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚИИ КАСБИИ ҲУҚУҚШИНОСОН: МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ФАРҚКУНАНДАИ ОН

# ПРОФЕССИОНАЛЬНАЯ ПРАВОВАЯ КУЛЬТУРА ЮРИСТОВ: ПОНЯТИЕ И ЕЕ ОТЛИЧИТЕЛЬНЫЕ ОСОБЕННОСТИ

# PROFESSIONAL LEGAL CULTURE OF LAWYERS: ITS MEANING AND DISTINGUISHING CHARACTERISTICS

РАҶАБЗОДА Р.М.
RAJABZODA R.M.
*Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент*
*Председатель Комитета Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан по законодательству и правам человека, доктор юридических наук, доцент*
*Head of the Majlisi Namoyandagon Committee of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan on Legislation and Human Rights, Doctor of legal sciences, Associate Professor*



E–mail: rrm_67@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (5.1.1. Илмҳои ҳуқуқии назариявӣ–таърихӣ).

*Научная специальность:* 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве (5.1.1. Теоретико–исторические правовые науки).

*Scientific specialty:* 12.00.01 – Theory and history of law and state; history of the doctrines of law and the state (5.1.1. Theoretical and historical legal sciences).

*Тақриздиҳанда:* МАНСУРЗОДА А.М. – сардори факултети № 2–юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, подполковники милитсия.

*Рецезент*: МАНСУРЗОДА А. М. – начальник факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент, подполковник милиции.

*Reviwer*: MANSURZODA A.M. – Head of the Faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, candidate of legal sciences, associate professor, lieutenant colonel of the militia.

***Аннотатсия:*** Дар мақола мафҳуми “фарҳанги ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон” ва хусусиятҳои фарқкунандаи он чун фарҳанги доираи муайяни шахсоне, ки дорои донишҳои ҳуқуқии касбӣ буда, фаъолияти ҳуқуқии касбиро пеш мебаранд, баррасӣ гардида, аломатҳои махсуси он асоснок карда мешавад. Қайд мегардад, ки барои фарҳанги ҳуқуқии касбӣ як қатор хусусиятҳои махсус, ба мисли таҳсилоти махсуси касбии ҳуқуқӣ, сатҳи кофӣ ва зарурии донишҳои ҳуқуқии касбӣ, фаъолияти ҳуқуқии касбӣ хос мебошанд, ки он аз намудҳои дигари фарҳанги ҳуқуқии гурӯҳӣ, аз қабили фарҳанги ҳуқуқии занон, ҷавонон, нафақахӯрон ва дигарон фарқ мекунад.

***Вожаҳои калидӣ:*** фарҳанги ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқии касбӣ, таҳсилоти ҳуқуқӣ, таҳсилоти махсуси касбии ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, мақомоти судӣ, мақомоти прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ, гумрук, фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ.

***Аннотация:*** В статье рассматривается понятие «профессиональная правовая культура юристов» и ее отличительные особенности как культура определенного круга лиц, обладающих профес-

сиональными юридическими знаниями и осуществляющих профессиональную юридическую деятельность, обосновываются ее характерные особенности. Отмечается, что для профессиональной правовой культуры характерен ряд особенностей, таких, как специальное профессиональное правовое образование, достаточный и необходимый уровень профессиональных правовых знаний, профессиональной правовой деятельности, чем и отличается от иных видов групповой правовой культуры, таких как правовая культура молодежи, женщин, пенсионеров и т.п.

*Ключевые слова:* правовая культура, профессиональная правовая культура, правовое обучение, специональное профессиональное правовое обучение, правосознание, судебный орган, органы прокуратуры, органы внутренних дел, таможня, правоприменительная деятельность.

*Annotation:* In article, the concept of professional legal culture of lawyers and its distinguishing features as the culture of a certain circle of people who have professional legal knowledge and carry out professional legal activities are discussed and its special features are justified. It is noted that the professional legal culture has a number of special features, such as special professional legal education, sufficient and necessary level of professional legal knowledge, professional legal activity, which differs from other types of group legal culture, such as the legal culture of women, youth, pensioners and others.

*Key words:* legal culture, professional legal culture, legal education, speciai professional legal education, legal awareness, judicial authority, prosecutor’s office, internal affairs authority, customs authority and law enforcement.

**Ф**арҳанги ҳуқуқии касбӣ фарҳанги доираи муайяни шахсонест, ки дорои донишҳои ҳуқуқии касбӣ буда, фаъолияти ҳуқуқии касбиро пеш мебаранд. Барои фарҳанги ҳуқуқии касбӣ як қатор аломатҳои махсус, ба мисли таҳсилоти махсуси касбии ҳуқуқӣ, сатҳи кофӣ ва зарурии донишҳои ҳуқуқии касбӣ, фаъолияти ҳуқуқии касбӣ хос мебошанд. Фарҳанги ҳуқуқии касбӣ бо ин аломатҳояш, ки хусусиятҳои онро ифода мекунанд, аз намудҳои дигари фарҳанги ҳуқуқии гурӯҳӣ, аз қабили фарҳанги ҳуқуқии занон, ҷавонон, нафақахӯрон ва дигарон фарқ мекунад.

Айни замон фарҳанги ҳуқуқии касбӣ дар баробари хусусиятҳои умумӣ, ки дар маҷмуъ ба ин намуди фарҳанги ҳуқуқӣ хос мебошанд, як қатор хусусиятҳои ҷузъӣ дорад. Ин хусусиятҳо, якум, ҷузъи таркибии фарҳанги ҳуқуқии касбӣ мебошанд. Дуюм, онҳо бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти касбии ҳуқуқшиносон, ки ин ё он намуди фаъолияти ҳуқуқии касбиро анҷом медиҳанд, муайян карда мешаванд.

Қайд кардан зарур аст, ки омӯзиши фарҳанги ҳуқуқии касбӣ дар маркази таваҷҷуҳи олимони зиёд қарор дорад. Ба таҳқиқоти фарҳанги ҳуқуқии касбӣ асарҳои бисёр бахшида шудаанд [1; 6; 8; 2; 3].

Тавре маълум аст, фаъолияти ҳуқуқии касбиро доираи васеи ҳуқуқшиносон, аз ҷумла, судяҳо, кормандони мақомоти прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ, гумрук, андоз ва ғайра ба сомон мерасонанд. Аз як тараф, ҳамаи ҳуқуқшиносони касбӣ донишҳои зарурии ҳуқуқӣ доранд, фаъолияти касбиро бо истифода аз донишҳои ҳуқуқӣ ва таҷрибаи кории ҳуқуқӣ пеш мебаранд. Аз тарафи дигар, судяҳо, кормандони мақомоти прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ, гумрук, андоз ва дигарон донишҳои ҳуқуқиро бо назардошти хусусиятҳои ин ё он намуди фаъолияти ҳуқуқии касбӣ татбиқ менамоянд. Аз ин лиҳоз, фаъолияти касбии судяҳо, кормандони мақомоти прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ, гумрук ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бо назардошти хусусиятҳои фаъолияташон (фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ) аз якдигар фарқ дорад.

Чунин фарқият дар заминаи қонунҳои алоҳида, ки фаъолияти касбии кормандони мақомоти судӣ, кормандони мақомоти прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ, гумрук ва дигаронро танзим мекунанд, муайян карда мешавад. Дар қонунҳои дахлдор вазъи ҳуқуқӣ, салоҳияти ҳокимиятӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои кормандони дахлдори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муайян карда мешавад. Табиист, ки вазъи

ҳуқуқии кормандони дар боло зикршуда аз ҳамдигар фарқ дорад.

Тафовути дигари фаъолияти касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо таҷрибаи кории ҳуқуқӣ, тарз ва воситаҳои фаъолияти касбӣ (фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯӣ, назорати прокурорӣ, адолати судӣ ва ғайра) муайян карда мешавад.

Фаъолияти касбии ҳуқуқӣ танҳо бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маҳдуд намешавад. Фаъолияти касбии ҳуқуқиро адвокатҳо, ҳуқуқшиносони корхона ва муассисаҳо, кормандони мақомоти марказӣ ва соҳавии ҳокимияти давлатӣ (парламент, мақомоти ҳокимияти иҷроия), мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ низ ба роҳ мемонанд. Табиист, ки фаъолияти касбии ин гурӯҳи ҳуқуқшиносон аз фаъолияти касбии кормандони ҳифзи ҳуқуқ фарқ дорад.

Аз ин нуктаи назар, фаъолияти касбии ҳуқуқӣ дар маҷмӯъ аз тарафи ҳуқуқшиносон ба роҳ монда мешавад. Аммо фаъолияти касбии доираҳои муайяни ҳуқуқшиносони касбӣ аз ҳамдигар фарқ дорад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло хусусиятҳои умумӣ ва ҷузъии фарҳанги ҳуқуқии касбӣ ҷудо карда мешавад.

Хусусиятҳои умумии фарҳанги ҳуқуқии касбӣ тафовути фарҳанги ҳуқуқии касбиро аз намудҳои дигари фарҳанги ҳуқуқӣ муайян мекунанд. Фарҳанги ҳуқуқии касбӣ дар робита бо ин хусусиятҳои умумӣ чун падидаи мустақили ҳаёти иҷтимоӣ–ҳуқуқӣ баромад мекунанд.

Хусусиятҳои ҷузъии фарҳанги ҳуқуқии касбӣ бо хусусиятҳои фарққунандаи намудҳои ҷудогонаи фаъолияти касбии ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Фарҳанги ҳуқуқии касбии судяҳо, кормандони мақомоти прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти гумрук, мақомоти андоз аз ҳамдигар фарқ дорад.

Тафовути фарҳанги ҳуқуқии касбии судяҳо, прокурорҳо, кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, адвокатҳо ва дигар ҳуқуқшиносони амалӣ дар он зоҳир мешавад, ки онҳо дар баробари донишҳои умумии касбии ҳуқуқӣ ҳамчунин донишҳои махсуси касбӣ доранд. Чунончи, таҳсилоти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти амнияти миллӣ, гумрук, андоз ва дигарон хусусиятҳои худро дорад. Илова бар ин, таҷрибаи кории доираҳои ҷудогонаи ҳуқуқшиносони амалӣ аз ҳамдигар фарқ дорад, чунки адолати судӣ, назорати прокурорӣ, тафтишот, фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯӣ намудҳои алоҳида ва мустақили фаъолияти ҳуқуқии касбӣ буда, аз ҳамдигар фарқ дорад.

Барои ҳамин, фарҳанги ҳуқуқии касбӣ, аз як тараф, хусусиятҳои умумӣ дошта, аз тарафи дигар, хусусиятҳои ҷузъӣ дорад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки:

1. Фарҳанги ҳуқуқии касбӣ фарҳанги ҳуқуқшиносони амалӣ мебошад, ки фаъолияти касбии ҳуқуқиро анҷом медиҳанд.
2. Фарҳанги ҳуқуқии касбӣ хусусиятҳои умумӣ дошта, аз намудҳои дигари фарҳанги ҳуқуқии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ фарқ мекунад.
3. Дар таркиби фарҳанги ҳуқуқии касбӣ бо назардошти хусусиятҳои ҷузъӣ, тафовути фарҳанги ҳуқуқии касбии доираҳои ҷудогонаи ҳуқуқшиносони амалӣ зоҳир мешаванд.
4. Фарҳанги ҳуқуқии касбии судяҳо, кормандони мақомоти прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин кормандони мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо аз ҳамдигар фарқ дорад.

Аз ин нуктаи назар, омӯзиши алоҳидаи фарҳанги ҳуқуқии касбии судяҳо, кормандони мақомоти прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ ва мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ, ҳуқуқшиносони касбӣ, ки дар мақомоти дигари давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо фаъолияти касбии ҳуқуқиро ба роҳ мемонанд, аз лиҳози илмӣ–методологӣ ва амалӣ қобили қабул аст. Ин имкон медиҳад, ки хусусиятҳои фарҳанги ҳуқуқии касбии доираҳои ҷудогонаи ҳуқуқшиносони амалӣ муайян карда шаванд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки нуктаҳои назари илмӣ–методологӣ, ки болотар шарҳ дода шуданд, зимни таҳқиқоти

фарҳанги ҳуқуқии касбӣ бояд ба инобат гирифта шаванд.

Мусаллам аст, ки аксари олимони назарияи давлат ва ҳуқуқ, бар он ақида мебошанд, ки мафҳуми «фарҳанги ҳуқуқии касбӣ» дар робита бо шуури ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Ҷузъи таркибии фарҳанги ҳуқуқии касбӣ шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносон мебошад. Шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносон аз шуури ҳуқуқии гурӯҳҳои дигари аҳолӣ бо аломатҳои зерин фарқ мекунад:

– унсурҳои таркибии шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносон, аз қабили донишҳо, тасаввурот, ақидаҳо, мафҳумҳо, ҳиссиёти ҳуқуқӣ;

– сатҳи баланди донишҳои ҳуқуқӣ, ки зимни таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ имконпазир мегардад;

– сифати баландтари шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносон, ки барои фаъолияти касбии ҳуқуқӣ заминаи кофӣ муҳайё мекунад;

– тарзҳои васеътари дарки воқеияти ҳуқуқӣ;

– ҳаҷми васеи иттилооти ҳуқуқӣ, ки ба туфайли донишҳои ҳуқуқӣ, қобилияти дарку эҳсос, нигоҳдорӣ, истифода, паҳн намудани иттилооти ҳуқуқӣ имконпазир мегардад.

Аз ҷониби Н.Я. Соколов шуури ҳуқуқии зерини ҳуқуқшиносон ҷудо карда мешаванд: донишҳои ҳуқуқӣ, арзишҳо, тасаввурот, анъанаҳо, одатҳо, тамоюли арзишии ҳуқуқӣ. Ба андешаи ӯ, шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносон аз намудҳои дигари шуури ҳуқуқӣ бо унсурҳои зикршуда, инчунин сатҳи баланди донишҳои ҳуқуқӣ фарқ мекунад [7, с. 19].

Шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносон аз намудҳои дигари шуури ҳуқуқӣ бо фаъолияти касбии ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби ҳуқуқшиносони касбӣ ба роҳ монда мешавад, фарқ мекунад. Ҳуқуқшиносони амалӣ фаъолияти касбии ҳуқуқиро дар иртибот бо сатҳи муайяни шуури ҳуқуқии касбӣ ба роҳ мемонанд. Барои фаъолияти касбии ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ сатҳи баланди донишҳои ҳуқуқии касбӣ зарур аст.

Бо ҳамин нишона шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносони амалӣ (кормандони мақомоти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ) аз шуури ҳуқуқии илмӣ ва оддӣ фарқ мекунад. Дар ин замина сатҳи зерини шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносонро ҷудо намудан мумкин аст:

– шуури ҳуқуқии илмӣ, ки барои олимони ҳуқуқшинос, муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқ хос аст;

– шуури ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилот;

– шуури ҳуқуқии донишҷӯёни ҳуқуқшинос, ки дар раванди таҳсилоти ҳуқуқии касбӣ ташаккул меёбад;

– шуури ҳуқуқии оддӣ, ки барои шаҳрвандон хос мебошад, аз тасаввуроти оддии (ғайрикасбии) ҳуқуқӣ оид ба падидаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҳуқуқӣ иборат аст.

Аз таснифи зикршуда бармеояд, ки шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносон намудҳои ё сатҳи гуногун дорад. Дар байни онҳо шуури ҳуқуқии илмӣ ё доктриналӣ ҷойи аз ҳама баландро соҳиб аст, чунки ба сатҳи баланди на танҳо донишҳои ҳуқуқӣ, балки донишҳои илмии ҳуқуқӣ такя намуда, зимни таҳқиқоти илмӣ ташаккул ва инкишоф меёбад. Шуури ҳуқуқии касбӣ дар ҷараёни таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ ташаккул ёфта, минбаъд дар рафти фаъолияти касбии ҳуқуқӣ такмил меёбад. Шуури ҳуқуқии оддӣ бошад, ба шаҳрвандон, сарфи назар аз таҳсилоти ҳуқуқии касбӣ, фаъолияти илмии ҳуқуқӣ ва фаъолияти касбии ҳуқуқӣ тааллуқ дорад.

Аз ин нуқтаи назар, категорияи «шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносон», ки дар асарҳои Н.Я. Соколов ва дигарон истифода мешавад, мафҳуми илмии васеъ буда, танҳо бо шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносони амалӣ маҳдуд намешавад.

Фарҳанги ҳуқуқии касбӣ дар заминаи шуури ҳуқуқии умумӣ ва шуури ҳуқуқии касбӣ ташаккул меёбад. Таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ зинаи муҳимми ташаккули фарҳанги ҳуқуқии касбӣ мебошад. Айни замон дар раванди таҳсилоти олии касбии ҳуқуқӣ шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии умумии ҳуқуқшиносон, ки минбаъд дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти

давлат ва ҷомеа (мақомоти қонунгузор, иҷроия, судӣ, муассисаҳои ёрии ҳуқуқӣ ва ғайра) фаъолияти касбии ҳуқуқӣ ва дигари давлатиро ба сомон мерасонанд, ташаккул меёбад. Дар ҷараёни таҳсилоти ҳуқуқии махсуси касбӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти махсус, аз ҷумла, дар Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад, шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ташаккул меёбад.

Аз ин нуқтаи назар, фарҳанги ҳуқуқии касбӣ ба доираи васеи ҳуқуқшиносон, ки таҳсилоти олии касбии ҳуқуқиро соҳиб гашта, дар мақомоти гуногуни давлатӣ, аз он ҷумла, дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ кор мекунанд, тааллуқ дорад. Раванди таҳсилоти олии касбии ҳуқуқӣ, ки дар муассисаҳои гуногуни таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ ва донишгоҳҳо ба роҳ монда мешавад, ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқии касбии доираи васеи ҳуқуқшиносон замина мегузорад.

Тавре Л.А. Петручак қайд мекунад, фарҳанги ҳуқуқии касбӣ дар заминаи ҳам таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ ва ҳам фаъолияти касбии ҳуқуқӣ ташаккул меёбад [5, с. 152]. Ин, ақида қобили дастгирист. Дар воқеъ, таҳсилоти ҳуқуқии касбӣ зинаи якуми ташаккули фарҳанги ҳуқуқии касбӣ мебошад. Дар ин зина ҳуқуқшиносон донишҳои ҳуқуқии назариявӣ ва амалиро касб мекунанд, барои дарки падидаҳо ва равандҳои ҳаёти давлатӣ ва ҳуқуқӣ омода мешаванд. Дар ҷараёни таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ дар шуури ҳуқуқшиносон арзишҳои ҳуқуқӣ (ҳуқуқҳои инсон, адолат, озодӣ, поквиҷдонӣ ва ғайра), ҳисси эҳтиром ва риояи қонунҳо, муқовимат ба ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткорӣ ташаккул меёбанд. Дар доираи машғулиятҳо ва дарсҳои амалӣ (криминалистика, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ғайра) ҳуқуқшиносон бо донишҳои амалӣ шинос мешаванд.

Фаъолияти касбӣ зинаи дуюми ташаккули фарҳанги ҳуқуқии касбӣ мебошад. Дар ин зина, ки аз нуқтаи назари давомот нисбат ба таҳсилоти ҳуқуқии касбӣ дарозтар аст, донишҳои ҳуқуқии касбӣ дар ҳаёт бевосита амалӣ карда мешаванд. Дар раванди фаъолияти касбӣ малака, қобилият, истеъдоди корбарӣ ташаккул меёбад. Таҷрибаи корӣ омили муҳимми такмили фарҳанги ҳуқуқии касбӣ мегардад. Бесабаб нест, ки собиқаи корӣ ҳангоми таъйин намудани ҳуқуқшиносон ба вазифаҳои муайян дар мақомоти давлатӣ, аз он ҷумла, дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба инобат гирифта мешавад.

Агар дар зинаи якум ҳуқуқшиносони ҷавон донишҳои бештар назариявиро азхуд намоянд, пас дар зинаи дуюм ин донишҳои назариявӣ бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти касбӣ, таҷрибаи корӣ, ҳалли парвандаҳои ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд. Дар раванди фаъолияти касбӣ қобилияти касбии ҳуқуқшиносон ташаккул меёбад. Донишҳои назариявии ҳуқуқӣ бе қобилият, истеъдод, маҳорати корбарӣ самаранок амалӣ карда намешаванд. Собиқаи корӣ, қобилият, истеъдоди корбарӣ омили муҳимми амалӣ гардидани донишҳои ҳуқуқӣ маҳсуб мешавад, чунки донишҳои назариявӣ дар ҳолатҳои гуногуни ҳаётӣ татбиқ мешаванд. Тавре маълум аст, қонун ҳамаи ҳолатҳои ҳаётиро ба инобат гирифта наметавонад. Татбиқи донишҳои назариявӣ дар ҳолатҳои гуногуни ҳаётӣ аз қобилият, истеъдод, малакаи ҳуқуқшиносони амалӣ вобастагӣ дорад.

Муайян намудани мафҳуми «фарҳанги ҳуқуқии касбӣ» аз як қатор ҳолатҳо вобастагӣ дорад. Пеш аз ҳама, мафҳуми зикршуда аз мафҳуми «фаъолияти касбӣ» вобаста аст. Фарҳанги ҳуқуқии касбиро ҳуқуқшиносоне дошта метавонанд, ки фаъолияти касбии ҳуқуқиро ба сомон мерасонанд. Фаъолияти касбӣ истифодаи донишҳои касбии ҳуқуқӣ, маҳорат, қобилият, истеъдодро дар назар дорад.

Айни замон мафҳуми «фарҳанги ҳуқуқии касбӣ» ҷузъи мафҳуми «фаъолияти касбӣ» мебошад. Доираи муайяни шахсон, ки донишҳои касбии тиббӣ, кишоварзӣ, муҳандисӣ ва дигар доранд, фаъолияти касбиро ба роҳ мемонанд. Дар забони русӣ фаъолияти касбӣ ҳамеша ин ё он намуди касб ё фаъолияти касбиро дар назар дорад [4, с. 576].

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» калимаи «касб» чунин шарҳ дода мешавад: «бо кӯшишу меҳнат ба даст

овардани чизе, ихтисос, шуғл; касби илм, дониш омӯхтан, илмомӯзӣ; пеша, ҳунар, ҳирфа; касбу кор пеша ва шуғл; касб карда гирифтан, ба худ пеша қарор додан; касби камол кардан, илму дониш андӯхтан, комил шудан дар илму дониш ва одобу ахлоқ». Калимаи «касбӣ» бошад, ба маънои зерин истифода мешавад: «ҳунар, санъат ва умуман ихтисосе, ки одам ба воситаи таҳсил ба даст овардааст» [9, с. 599].

Ҳамин тариқ, фарҳанги ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон намуди мустақили фарҳанги ҳуқуқӣ буда, бо назардошти шароити муайяни инкишофи ҷомеа, талаботи ҷомеа, дар раванди таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ, амалияи касбии ҳуқуқӣ ташаккул ва инкишоф меёбад. Мустақилияти фарҳанги ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон бо нуқтаҳои зерин собит мегардад:

1) ҳуқуқшиносони касбӣ гурӯҳи алоҳидаи иҷтимоии аҳолиро ташкил медиҳанд;

2) онҳо донишҳои махсуси касбии ҳуқуқӣ буда, маҳорати касбии хешро дар фаъолияти касбӣ такмил медиҳанд;

3) ҳуқуқшиносони касбӣ донишҳои ҳуқуқии назариявиро дар фаъолияти касбӣ бо назардошти ҳолатҳои кор, дар доираи салоҳияти ҳокимиятӣ ва дигари хизматӣ, бо мақсади таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, мусоидат ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ татбиқ мекунанд;

4) шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносони амалӣ унсурҳои ба онҳо хосси идеологӣ ва психологӣ дорад, ки дар ҷараёни таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ, фаъолияти касбии ҳуқуқӣ ташаккулу такмил меёбад;

5) ҳуқуқшиносони амалӣ фарҳанги ҳуқуқии худро доранд, ки дар заминаи шуури ҳуқуқии касбӣ ва фаъолияти касбӣ ташаккул меёбад;

6) фаъолияти ҳуқуқшиносони касбӣ намуди алоҳидаи хизмати давлатӣ–хизмати ҳуқуқии касбӣ мебошад.

## Адабиёти истифодашуда

1. Арсентьева, А.Г. Нравственно–правовая культура и ее формирование у студентов органов внутренних дел: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Анна Геннадиевна Арсентьева. – СПб., 1996. – 179 с.

2. Мирзоев, Г.Б., Кейзеров, Н.М. Правовая культура адвоката / Кейзеров Н.М., Мирзоев Г.Б.; Под общ. ред.: Мирзоев Г.Б. – М.: Сериал, 1996. – 256 с.

3. Насриддинзода, Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ / Э.С. Насриддинзода. – Душанбе: «Эр–граф», 2016. – С. 37–77.

4. Ожегов, С.И. Словарь русского языка: около 57 000 слов / С. И. Ожегов; Под ред. д–ра филол. наук, проф. Н. Ю. Шведовой. – 11–е изд., стер. – М.: Русский язык, 1975. – 847 с.

5. Петручак, Л.А. Правовая культура российского современного общества: теоретико–правовое исследование: дис. … докт. юрид. наук: 20.00.01 / Лариса Анатольевна Петручак. – М., 2012. – 453 с.

6. Павлов, О.Ф. Профессиональная правовая культура в сфере правоохранительной службы: На примере сотрудника милиции: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Олег Федеорович Павлов. – Н. Новгород, 2005. – 142 с.

7. Соколов, Н.Я. Профессиональное сознание юристов / Соколов Н.Я.; Отв. ред.: Лукашева Е.А. – М.: Наука, 1988. – 224 с.

8. Спицнадель, В.Б. Правовая культура руководителя пенитенциарного учреждения: сущность, структура и влияние на профессиональную деятельность: Теоретико–правовой аспект: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Владимир Борисович Спицнадель. – СПб., 1996. – 17 с.

9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд. Ҷилди 1 / дар зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов [ва диг.]. – Машҳад–Душанбе: ҶММ «Ксероксленд», 2008. – 950 с.

## References

1. Arsent'eva, A.G. Moral and legal culture and its formation among students of internal affairs bodies: author. dis. … cand. legal Sciences: 12.00.01 / Anna Genadievna Arsentievna. – St. Petersburg, 1996. – 179 p.

2. Mirzoev, G.B., Keyzerov, N.M. Legal culture of a lawyer / Keyzerov N.M., Mirzoev G.B.; Under total Ed.: Mirzoev G.B. – M.: Serial, 1996. – 256 p.

3. Nasriddinzoda, E.S. Legal culture / E.S. Nasriddinzoda. – Dushanbe: "Er–graf", 2016. – S. 37–77.

4. Ozhegov, S.I. Dictionary of the Russian language: about 57,000 words / S. I. Ozhegov; Ed. Dr. Philol. sciences, prof. N. Yu. Shvedova. – 11th ed., erased. – M.: Russian language, 1975. – 847 p.
5. Petruchak, L.A. Legal culture of Russian modern society: theoretical and legal research: dis. … doc. legal Sciences: 20.00.01 / Larisa Anatolevna Petruchak. – M., 2012. – 453 p.
6. Pavlov, O.F. Professional legal culture in the field of law enforcement: On the example of a police officer: dis. … cand. legal Sciences: 12.00.01 / Oleg Fedeorovich Pavlov. – N. Novgorod, 2005. – 142 p.
7. Sokolov, N.Ya. Professional consciousness of lawyers / Sokolov N.Ya.; Rep. Ed.: Lukasheva E.A. – M.: Nauka, 1988. – 224 p.
8. Spitsnadel, V.B. Legal culture of the head of a penitentiary institution: essence, structure and influence on professional activity: Theoretical and legal aspect: author. dis. … cand. legal Sciences: 12.00.01 / Vladimir Borisovich Spitsnadel. – St. Petersburg, 1996. – 17 p.
9. Interpretation culture of the Tajik language. It consists of 2 volumes. Volume 1 / edited by S. Nazarzoda, A. Sanginov [and others]. – Mashhad–Dushanbe: JMM "Xeroxland", 2008. – 950 p.

**УДК 340.13**

# ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВЫЕ ПРОБЛЕМЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ИНФОРМАЦИОННЫМИ ТЕХНОЛОГИЯМИ ФИНАНСОВО-ПРАВОВОЙ ПОЛИТИКИ ТАДЖИКИСТАНА

# МАСОИЛИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ ТАЪМИНОТ БО ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИИ СИЁСАТИ МОЛИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ ТОҶИКИСТОН

# THEORETICAL AND LEGAL PROBLEMS OF PROVIDING THE FINANCIAL AND LEGAL POLICY OF TAJIKISTAN WITH INFORMATION TECHNOLOGIES

Хаитов С.П.
Khaitov S.P.
*Доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права Таджикского государственного финансово-экономического университета, кандидат юридических наук*
*Дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ*
*Associate Professor of the Department of Economic, Financial and Anti–Corruption Law of the Tajik State Financial and Economic University, Candidate of juridical sciences*



E–mail: saidali.66@list.ru

*Научная специальность:* 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве (5.1.1. Теоретико–исторические правовые науки).
*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (5.1.1. Илмҳои ҳуқуқии назариявӣ–таърихӣ).
*Scientific specialty:* 12.00.01 – Theory and history of law and state; history of the doctrines of law and the state (5.1.1. Theoretical and historical legal sciences).

*Рецензент:* Буризода Э.Б. – заведующий отделом истории государства и права Института философии, политологии и права Национальной академии наук Таджикистана, доктор юридических наук, профессор.
*Тақриздиҳанда:* Буризода Э.Б. – мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.
*Reviewer:* Burizoda I.B. – Head of the Department of the History of State and Law of the Institute of Philosophy, Political Science and Law of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Law, Professor.

*Аннотация***:** В статье рассматриваются теоретико–правовые проблемы правовой политики Республики Таджикистан в области финансов, вопросы ее обеспечения информационными технологиями. Отмечается, что такое обеспечение будет служить формированию и развитию финансово–правовой политики республики, способствовать предотвращению угроз финансовой безопасности в условиях нарастания финансового кризиса на различных уровнях. Делается вывод о том, что совершенствование правовой базы и использование современных информационных технологий являются основными направлениями обеспечения эффективности формирования и использования финансовых ресурсов во всех сферах финансово–правовой политики и его подсистемы за счет активизации цифровизации экономики и эффективной организации правового администрирования.

*Ключевые слова:* информационные технологии, направление, обеспечение эффективности,

финансово–правовая политика, финансовые ресурсы, цифровизация, экономика, бюджет, налог, администрирование.

*Аннотатсия*: Дар мақола масъалаҳои назариявӣ-ҳуқуқии сиёсати молиявӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, масоили таъмини технологияҳои иттилоотии он мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Қайд карда мешавад, ки таъмин намудан ба он дар оянда барои ташаккули сиёсати молиявӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат намуда, барои пешгирии таҳдидҳо ба амнияти молиявӣ дар шароити рушди буҳрони молиявӣ дар сатҳҳои гуногун мусоидат мекунад. Хулоса бароварда мешавад, ки такмил додани заминаи қонунгузорӣ ва истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ самтҳои асосии таъмини самаранокии ташаккул ва истифодаи захираҳои молиявӣ дар тамоми самтҳои сиёсати молиявӣ-ҳуқуқӣ ва низоми он тавассути баланд бардоштани рақамикунонии иқтисодиёт ва ташкили самарабахши идоракунии ҳуқуқӣ мебошанд.

*Вожаҳои калидӣ:* технологияҳои иттилоотӣ, самтҳо, таъмини самаранок, сиёсати молиявӣ-ҳуқуқӣ, захираҳои молиявӣ, рақамикунонӣ, иқтисод, буҷет, андоз, идоракунӣ.

*Annotation:* The article deals with the theoretical and legal problems of the financial and legal policy of the Republic of Tajikistan, the issues of its provision with information technologies. It is noted that such provision will serve the formation and development of the financial and legal policy of the republic, help prevent threats to financial security in the context of the growing financial crisis at various levels. It is concluded that the improvement of the legal framework and the use of modern information technologies are the main directions for ensuring the efficiency of the formation and use of financial resources in all areas of financial and legal policy and its subsystem by enhancing the digitalization of the economy and the effective organization of legal administration.

*Key words:* information technology, direction, efficiency assurance, financial and legal policy, financial resources, digitalization, economics, budget, tax, administration.

**В** условиях динамичного развития информационных технологий, одно из основных мест в структуре финансово–правовой политики Республики Таджикистан принадлежит информационному обеспечению. Экономика страны базируется на государственных финансах, где информационно технологическое обеспечение выступает как условие для дальнейшего продвижения.

Необходимо отметить, что понятие «Информационное обеспечение» появилось в 70–х гг. прошлого века в связи с активным внедрением электронных вычислительных машин (ЭВМ) в практику обработки экономических задач и с созданием автоматизированных систем управления (АСУ). Была разработана структура, позволявшая продвижению различных документов и потоков информации для обработки и принятия соответствующих управленческих решений [1, с. 112].

На наш взгляд, это позволяет понимать совокупность информационных ресурсов (информационную базу) и способов их организации, необходимых и пригодных для реализации аналитических и управленческих процедур, обеспечивающих финансово–правовую политику государства. Так, в соответствии с Законом Республики Таджикистан «Об информации», под информацией понимаются сведения о лицах, предметах, событиях, явлениях и процессах, независимо от формы их представления [2]. По нашему мнению, в юридической литературе под информацией следует понимать сведения, уменьшающие неопределенность в той области, к которой они относится.

Из представленных выше определений можно сделать вывод, что современный этап развития общества характеризуется возрастающей ролью информационного обеспечения, представляющий собой совокупность конкретной информации, информационные структуры, осуществляющие сбор, формирование, распространение и использование информации, а также составляющие системы

регулирования, возникающие в ходе общественных и финансово–правовых отношений. Информационная сфера является системообразующим фактором жизни общества. Она активно влияет на финансовое состояние, финансово–правовую политику любого государства, в том числе, и Таджикистана. Все это организует систему, которая существенным образом зависит от обеспечения информационными технологиями.

Учитывая, что технологический процесс проявляется разнородно, можно отметить, что еще многие отрасли экономики Республики Таджикистана технологически явно не соответствуют современным требованиям, не справляются с переработкой больших массивов информации., хотя справедливости ради надо отметить, что банки, страховые компании, торговые предприятия все шире начинают использовать IT – технологии различного типа, терминалы, автоматы для выдачи чеков, автоматизированные системы расчетов, электронных счетов. Это позволит в перспективе создание автоматизированных объектов. Мировая практика показывает, что именно это обстоятельство способствует социально–экономическому росту государства. В качестве примера можно привести опыт американской компании «Микронет», в офисах которой полностью исключается использование в делопроизводстве бумаги [3, с. 61].

Все информационные ресурсы можно разделить на сведения регулятивно–правового, нормативно–справочного характера, а также данные системы бухгалтерского учета, статистические данные и несистемные данные [4, с. 176–181]. Помимо прочего, данное направление содержит законодательное, финансовое и информационно–технологическое обеспечение и такие его элементы, как бюджетные, налоговые, таможенные, банковские, денежно–кредитные, инвестиционные, инфляционно–ценовые, валютные и другие являются важнейшими условиями формирования информационной базы для продвижения финансово–правовой политики республики. С учетом этого, финансово–правовая политика государства выступает как сложная структура в сфере информационных технологий, гарантирующая оперативное реагирование на ухудшение экономической ситуации в стране, позволяющая выработать определённый запас экономической прочности за счет каждого структурного элемента. Поэтому считаем необходимым, каждую из этих подсистем обеспечить высокотехнологичными средствами связи, поскольку все вышеперечисленные компоненты взаимодействуют между собой, их высокий уровень надежности гарантирует общий уровень финансовой устойчивости на региональном уровне.

Манипулирование информацией на финансовых, фискальных, фондовых и биржевых рынках способствует в итоге спекуляциям с финансовыми инструментами. Это в свою очередь, на наш взгляд, может вызвать панику участников финансово–правовых отношений, что приведет к резким рыночным колебаниям. Исходя из этого, для стабильного обеспечения финансово–правовой политики, а также с целью обеспечения защиты интересов участников рыночных отношений в системе информационных технологий необходима их поддержка с точки зрения законодательного закрепления этих отношений. Для такого обеспечения, а также реализации в полном объеме финансово–правовой политики Республики Таджикистан, необходимо принятие таких нормативных правовых актов, которые, основываясь на Конституции Республики Таджикистан и законах, в полной мере обеспечивали реализацию финансово–правовой политики страны, в которых основной упор должен делаться на использование высоких технологий.

Здесь необходимо отметить, что Правительством Республики Таджикистан уже немало сделано для этого и с целью информационного обеспечения финансово–правовой политики республики был принят целый ряд нормативных правовых актов, в числе которых Законы Республики Таджикистан «О государственных финансах Республики Таджикистан» [5], «Об информации» [2], «Об электронном документе» [6], Стратегия управления государственными финансами Республики Таджикистан на период до 2030 года [7], Стратегия развития платёжной системы

Республики Таджикистан на 2015–2025 [8] годы, Концепции и Программы, такие например, как Концепция государственной информационной политики Республики Таджикистан [9], Концепция информационной безопасности [10], Программа обеспечения информационной безопасности Республики Таджикистан [11], Инструкция об исполнении доходов и расходов государственного бюджета и составлении отчетности в казначейской системе [12], Приказ Министерства финансов Республики Таджикистан «О переходе на электронное финансирование без предоставления бумажной документации» [13], в котором с 1 января 2022 года установлен порядок электронного финансирования без предоставления бумажных документов, которые позволяют ускорить процесс оперативного регулирования формирования поступающей информации. Благодаря этому, у соответствующих министерств и ведомств появилась возможность получать точную информацию и принимать эффективные решения, так как современные базы данных позволяют получать точные данные и сведения о налоговых поступлениях, таможенных платежах, бюджетном состоянии, банковских операциях, денежном обороте, положении рынков ценных бумаг, ценах и прогнозах.

Но применение новых высоких технологий настоятельно требует развития нового типа мышления, способного эффективно перерабатывать, осознавать всю глубину и масштаб информационных потоков [14, с. 43]. По мнению многих ученых, общество перешло из века постиндустриального в информационный, в котором огромные массивы информации, накопленные обществом, становятся их социокультурным наследием, доступ к которому возможен при помощи новых информационных технологий [15, с. 182].

Прогресс в области техники и технологий привел к существенным изменениям в обработке информации. По результатам некоторых исследований выясняется, что электронная обработка данных и информационно управляющие системы это два наиболее широко применяемых в управлении инструментов.

По имеющимся оценкам, к концу 90–х годов прошлого столетия, 70% рабочих мест в США в какой–то мере зависели от деятельности по обработке информации. Затраты на эту деятельность, по некоторым оценкам, составляли около 70% от валового национального продукта [16, с. 86]. Несмотря давность этих исследований считаем, что такое соотношение имеет практическое значение и по сей день.

Основой информационного обеспечения является выработка оптимальной информации. В этой связи, теория машинной обработки информации рассматривается как технология ее преобразования в целях управления в совокупность сведений, являющихся объектом сбора, передачи, хранения и обработки такой информации. Информация может быть зафиксирована в электронных документах или на машинных носителях и является предметом и средством труда. В качестве средства труда информация воздействует на объект управления с целью выработки управленческих решений. Как предмет труда информация является основой построения информационных технологий.

Электронные процессы, связанные с системой исполнения государственного бюджета начались в Министерстве финансов Республики Таджикистан в 2002 году, и в этом же году было внедрена первая информационная система «Казначейство АСУ». В 2006 году Главное Центральное Управление Казначейства (ГЦУК) Министерства финансов Республики Таджикистан было подключено к межбанковской системе электронных платежей Национального банка Таджикистана, а средства республиканского бюджета переводились в электронном виде [17]. В 2010–2014 годах в эту систему также были включены платежи местных бюджетов. Данный период на наш взгляд, стал платформой для дальнейшего продвижения формирования информации в различных сферах деятельности, в том числе, финансовых.

Надо отметить, что между Министерством финансов Республики Таджикистан и

его структурными подразделениями, Налоговым комитетом, Таможенной службой при Правительстве Республики Таджикистан, Национальным банком Таджикистана и Государственным сберегательным банком Республики Таджикистан «Амонатбонк» 28 ноября 2012 г. вступило в силу «Соглашение об электроном обмене данными», в соответствии с которым, информация о поступлениях и выплатах государственного бюджета между этими органами передаётся в электронном виде [18, с 13–14]. В целях укрепления сотрудничества в сфере информационного обеспечения был разработан проект этого соглашения в новой редакции. Мы считаем, что эти нормативные правовые акты позволили в дальнейшем продвинуть на более качественный уровень процесс обеспечения информационных потоков в качестве объектов цифровой экономики, в частности, активизации электронного Правительства и станут эффективным механизмом в реализации финансово–правовой политики Таджикистана. Ведь в процессе осуществлении финансово–правовой политики государства должно быть информационно обеспечена ее связь с другими частями экономической, налоговой, кредитной, денежно–кредитной политики, политики ценообразования и др. так как все ветви государственной власти участвуют в реализации финансово–правовой политики государства на базе информационных технологий.

В 2009 году Правительством Республики Таджикистан была принята Стратегия управления государственными финансами на 2009–2018 годы. Данная Стратегия стала основой для технического содействия со стороны партнёров по развитию и способствовала улучшению устойчивости государственных финансов. В период действия первых двух трёхгодичных среднесрочных планов (2009–2015 годы) был реализован ряд ключевых шагов по реформе управления государственными финансами и положено начало целому ряду реформ. К основным достижениям того периода можно отнести создание Центра обработки данных Министерства финансов республики, проведена полная модернизация сетевой инфраструктуры министерства и его 73 территориальных финансовых органов, что обеспечило полноценное внедрение и функционирование новой информационной системы управления государственными финансами [18, с. 15].

В целом, с момента принятия Стратегии управления государственными финансами на 2009–2018 годы был достигнут значительный прогресс в области бухгалтерского учёта, информационно–коммуникационных технологий, управления государственным долгом, казначейства и процесса планирования государственного бюджета.

Сейчас основными направлениями реформ, по которым наблюдаются улучшения, являются:

– комплексность и прозрачность бюджетной информации;

– предсказуемость и контроль исполнения государственного бюджета;

– активизация применения бухгалтерского учёта в государственном секторе;

– проведение внешнего аудита и контроля над исполнением государственного бюджета на различных уровнях.

В рамках Второго проекта по совершенствованию управления государственными финансами Агентство государственной службы разрабатывает «Информационную систему управления человеческими ресурсами». Эта информационная система будет интегрирована в информационную систему управления государственными финансами Министерства финансов (SGB–net), что поможет обеспечить прозрачность, эффективность и контроль над выплатой заработной платы государственным служащим при минимизации административных расходов.

Наилучшим инструментом информационного обеспечения процесса реализации финансово–правовой политики Таджикистана является эффективная информация, в задачи которой должны быть включены не только оперативный сбор информации и оценка существующей ситуации, но и прогноз будущего состояния. Этот прогноз должен опираться на количественные оценки риска и обязательно носить пространственный характер. Принцип территориальности должен быть одним из основных принципов

информационного обеспечения в финансовой сфере.

В качестве инструмента реализации контрольной функции финансов выступает финансовая рациональная информация. При этом финансовые показатели позволят изучать различные стороны работы субъектов хозяйств и оценивать результаты хозяйственной деятельности, а на их основе приниматься меры, направленные на устранение выявленных негативных моментов относительно формирования перечня информации, предоставляемую в различные инстанции.

Так как информацию, являющуюся контрольной функцией финансов, получает свое выражение через количественные параметры соответствующих финансовых показателей, исключительно остро стоит вопрос о достоверности финансовой (как и любой другой – *примеч. Х.С.*) информации. Только в условиях достоверной информации, отвечающей реальному положению дел финансовых отношений, могут приниматься обоснованные решения, направленные на изменение (корректировку, уточнение) хода всего финансового процесса.

Согласно Стратегии развития платёжной системы Республики Таджикистан на 2015–2025 годы, можно предоставлять общую информацию о текущем состоянии платёжной системы Республики Таджикистан [8]. Это определяет стратегию развития и описывает будущее состояние платёжной системы Республики Таджикистан с точки зрения ее конкретных элементов для образования информации. Так как платёжная система Республики Таджикистан является одним из основных элементов финансовой инфраструктуры, обеспечивающий стабильность и эффективность функционирования финансовой системы страны и реализацию денежно–кредитной и бюджетной политики, то посредством этого возможно осуществление своевременных и безопасных платежей и расчетов и содействие социально–экономическому развитию Республики Таджикистан.

При этом Национальный банк Таджикистана во взаимодействии с заинтересованными сторонами будет оказывать необходимое содействие участникам рынков платёжных услуг, в том числе, посредством консультаций, предоставления информации, проведения мероприятий, направленных на дальнейшее инновационное развитие платёжных систем и повышение эффективности оказываемых платёжных услуг [19]. Исходя, из этого, информационный обмен в сфере финансово–правовой политики Таджикистана подразумевает создание общего информационного пространства, в рамках которого все его подсистемы будут вести свою деятельность по единым информационным и техническим стандартам. Элементами этого пространства должны стать не только данные о финансовых, но и налоговых, таможенных, бюджетных, банковских и прочих, которые связаны с финансовыми ресурсами, а также с информационными базами заинтересованных сторон в качестве комплексных взаимосвязанных условий обеспечения управленческой информации.

Исходя из того, что информационное обеспечение органов государственного управления – это официальная документированная информация, которая создается в процессе текущей деятельности органов исполнительной и местной власти, это является базовой предпосылкой для создания правового механизма и обеспечения информационной безопасности.

Поэтому можно с уверенностью говорить о том, что система информационного обеспечения финансово–правовой политики Таджикистана представляет собой непрерывный и целенаправленный отбор соответствующих информационных показателей, необходимых для осуществления анализа, планирования и подготовки эффективных решений по всем направлениям финансовой деятельности государства.

В заключении хотелось бы отметить, что информационное обеспечение в сфере финансово–правовой политики многоаспектно и в приделах одной статьи невозможно описать все его стороны, в связи с чем можно сделать вывод о том, что совершенствование развития правовой базы и использование современных информационных технологий являются основными направлени-

ями обеспечения эффективности формирования и использования финансовых ресурсов во всех сферах финансово–правовой политики и ее системы за счет активизации цифровизации экономики и эффективной организации правового администрирования, так как в экономической сфере государства основным стержнем информационного ресурса является финансовая информация и соответствующие информационные технологии, относящиеся к системе Министерства финансов Таджикистана.

Думается, что укрепление государственных финансов во взаимосвязи с наукой в направлении повышения эффективности деятельности зависит от полноты и достоверности информации, их статистической обработки и моделирования для обоснованного принятия управленческого решения. В этом плане необходимо проведение тщательного изучения и дальнейшего использования результатов исследований отечественных ученых по реализации методики расчетов и анализа критериев и детерминант развития в сфере социально–экономического продвижения страны и обеспечения достойного уровня жизни народа.

**Использованная литература**

1. Информационные системы в экономике: учебник / Под ред. Г.А. Титоренко. – 2–е изд., перераб. и доп. – М.: ЮНИТИ–ДАНА, 2007. – 463 с.
2. Закон Республики Таджикистан «Об информации» от 10 мая 2002 г., № 55 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2002 г., № 4, ч. 2, ст. 320; 2012 г., № 7, ст. 698.
3. Гаузнер, Н. Теория «информационного общества» и реальности капитализма // Мировая экономика и международные отношения. – 1985. № 10. – С. 61–64.
4. Ковалева, В.В. Финансовый анализ: методы и процедуры / В.В. Ковалева. – М.: Финансы и статистика. 2006. – С. 176–181.
5. Закон Республики Таджикистан «О государственных финансах Республики Таджикистан» от 28 июня 2011 г., № 723 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2011 г., № 6, ст. 436; 2013 г., № 3, ст. 189; № 11, ст. 784, 2016 г., № 5, ст. 367; 2018 г., № 5, ст. 286.
6. Закон Республики Таджикистан «Об электронном документе» от 10 мая 2002 г., № 51 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан 2002 г., № 4, ч. 1, ст. 308; 2005 г., № 12, ст. 637; 2012 г., № 12, ч. 1, ст. 1002; 2013 г., № 7, ст. 523; 2014 г., № 12, ст. 828.
7. Стратегия управления государственными финансами Республики Таджикистан на период до 2030 года, утверждена Указом Президента Республики Таджикистан 31 января 2020 г., № 1446 // Централизованный Банк Правовой Информации Республики Таджикистан «ADLIA» Министерства юстиции Республики Таджикистан. 2022 г. Версия 7.0.
8. Стратегия развития платёжной системы Республики Таджикистан на 2015–2025 годы, утвержден Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 31 октября 2014 г., № 679 // Централизованный Банк Правовой Информации Республики Таджикистан «ADLIA» Министерства юстиции Республики Таджикистан. 2022 г. Версия 7.0.
9. Концепция государственной информационной политики Республики Таджикистан, утверждена Указом Президента Республики Таджикистан 30 апреля 2008 г., № 451 // Централизованный Банк Правовой Информации Республики Таджикистан «ADLIA» Министерства юстиции Республики Таджикистан. 2022 г. Версия 7.0.
10. Концепция информационной безопасности Республики Таджикистан, утверждена Указом Президента Республики Таджикистан 7 ноября 2003 г., № 1175 // Централизованный Банк Правовой Информации Республики Таджикистан «ADLIA» Министерства юстиции Республики Таджикистан. 2022 г. Версия 7.0.
11. Программа обеспечения информационной безопасности Республики Таджикистан, утвержден постановлением Правительства Республики Таджикистан 1 июля 2011 г., № 337 // Централизованный Банк Правовой Информации Республики Таджикистан «ADLIA» Министерства юстиции Республики Таджикистан. 2022 г. Версия 7.0.
12. Инструкция об исполнении доходов и расходов государственного бюджета и составлении отчетности в казначейской системе 070.020.110, утверждена приказом министра финансов Республики Таджикистан 27 апреля 2021 г., № 64 // Централизованный Банк Правовой Информации

Республики Таджикистан «ADLIA» Министерства юстиции Республики Таджикистан. 2022 г. Версия 7.0.

13. Приказ Министерства финансов Республики Таджикистан «О переходе на электронное финансирование без предоставления бумажной документации 070.10.00» от 19 ноября 2021 г., № 174 // Централизованный Банк Правовой Информации Республики Таджикистан «ADLIA» Министерства юстиции Республики Таджикистан. 2022 г. Версия 7.0.

14. Поляруш, А.А. Культура мышления и информационная культура в процессе познания мира / А.А. Поляруш // Международный журнал гуманитарных и естественных наук. – 2021. – № 3–2(54). – С. 41–43.

15. Кривоносова, Д.В., Захарцев, С.И., Сальников, В.П. Разумное мышление как инструмент достижения информационно-правовой культуры / Д.В. Кривоносова, С.И. Захарцев, В.П. Сальников // Юридическая наука: история и современность. – 2022, – № 2. – С. 174–186.

16. Попель, Г., Голдстайн, Б. Информационная технология – миллионные прибыли: Пер. с англ. / Г. Поппель, Б. Голдстайн. – М.: Экономика, 1990. – 238 с.

17. Закон Республики Таджикистан «О казначействе» от 2 января 2020 г., № 1674 // Ахбори Маджлиси Олии Республики Таджикистан 2020 г. № 1, ст.20.

18. Финансы и учет: Журнал Министерства финансов Республики Таджикистан. - 2022. - № 2 (185). – 205 с.

19. Закон Республики Таджикистан «О Национальном банке Таджикистана» от 28 июня 2011 г., № 772 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2011 г., № 6, ст. 435; 2014 г., № 7, ч. 2, ст. 409; ст. 410, 2018 г., № 7–8, ст. 531; 2019 г., № 7, ст. 474; 2020 г., № 7–9, ст. 627.

**References**

1. Information systems in economics: textbook / Ed. G.A. Titorenko. – 2nd ed., revised. and additional – M.: UNITI–DANA, 2007. – 463 p.

2. Law of the Republic of Tajikistan "On Information" dated May 10, 2002, No. 55 // Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 2002, No. 4, part 2, art. 320; 2012, No. 7, art. 698.

3. Gauzner, N. The theory of the "information society" and the reality of capitalism // World economy and international relations. – 1985. No. 10. – P. 61–64.

4. Kovaleva, V.V. Financial analysis: methods and procedures / V.V. Kovalev. – M.: Finance and statistics. 2006. – P. 176–181.

5. Law of the Republic of Tajikistan "On public finances of the Republic of Tajikistan" dated June 28, 2011, No. 723 // Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 2011, No. 6, Art. 436; 2013, No. 3, art. 189; No. 11, Art. 784, 2016, No. 5, art. 367; 2018, No. 5, art. 286.

6. Law of the Republic of Tajikistan "On Electronic Document" dated May 10, 2002, No. 51 // Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan 2002, No. 4, part 1, art. 308; 2005, No. 12, Art. 637; 2012, No. 12, part 1, art. 1002; 2013, No. 7, Art. 523; 2014, No. 12, art. 828.

7. Strategy for managing public finances of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030, approved by the Decree of the President of the Republic of Tajikistan on January 31, 2020, No. 1446 // Centralized Legal Information Bank of the Republic of Tajikistan “ADLIA” of the Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan. 2022 Version 7.0.

8. Strategy for the development of the payment system of the Republic of Tajikistan for 2015–2025, approved by the Decree of the Government of the Republic of Tajikistan dated October 31, 2014, No. 679 // Centralized Legal Information Bank of the Republic of Tajikistan “ADLIA” of the Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan. 2022 Version 7.0.

9. The concept of the state information policy of the Republic of Tajikistan, approved by the Decree of the President of the Republic of Tajikistan on April 30, 2008, No. 451 // Centralized Bank of Legal Information of the Republic of Tajikistan "ADLIA" of the Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan. 2022 Version 7.0.

10. The concept of information security of the Republic of Tajikistan, approved by the Decree of the President of the Republic of Tajikistan on November 7, 2003, No. 1175 // Centralized Bank of Legal Information of the Republic of Tajikistan "ADLIA" of the Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan. 2022 Version 7.0.

11. The program for ensuring information security of the Republic of Tajikistan, approved by the Decree of the Government of the Republic of Tajikistan on July 1, 2011, No. 337 // Centralized Bank of Legal Information of the Republic of Tajikistan "ADLIA" of the Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan. 2022 Version 7.0.

12. Instruction on the execution of income and expenditures of the state budget and reporting in the treasury system 070.020.110, approved by order of the Minister of Finance of the Republic of Tajikistan on April 27, 2021, No. 64 // Centralized Bank of Legal Information of the Republic of Tajikistan "ADLIA" of the Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan. 2022 Version 7.0.

13. Order of the Ministry of Finance of the Republic of Tajikistan “On the transition to electronic financing without providing paper documentation 070.10.00” dated November 19, 2021, No. 174 // Centralized Legal Information Bank of the Republic of Tajikistan “ADLIA” of the Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan. 2022 Version 7.0.

14. Polyarush, A.A. Culture of thinking and information culture in the process of knowing the world / A.A. Polyarush // International Journal of Humanities and Natural Sciences. – 2021. – No. 3–2 (54). – P. 41–43.

15. Krivonosova, D.V., Zakhartsev S.I., Salnikov V.P. Reasonable thinking as a tool for achieving information and legal culture / D.V. Krivonosov, S.I. Zakhartsev, V.P. Salnikov // Legal science: history and modernity. – 2022, – No. 2. – P. 174–186.

16. Popel, G., Goldstein B. Information technology – millions of profits: TRANS. from English. / G. Poppel, B. Goldstein. – M.: Economics, 1990. – 238 p.

17. Law of the Republic of Tajikistan “On the Treasury” dated January 2, 2020, No. 1674 // Akhbori Majlisi Oliy of the Republic of Tajikistan 2020 No. 1, Art. 20.

18. Journal of the Ministry of Finance of the Republic of Tajikistan: Finance and Accounting / February 2022 No. 2 (185). – 205 p.

19. Law of the Republic of Tajikistan "On the National Bank of Tajikistan" dated June 28, 2011, No. 772 // Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 2011, No. 6, art. 435; 2014, No. 7, part 2, art. 409; Art. 410, 2018, No. 7–8, Art. 531; 2019, No. 7, art. 474; 2020, No. 7–9, Art. 627.

**ТДУ 340.111.5**

# ТАЪМИНИ СИФАТИ САНАДҲОИ ТАТБИҚИ ҲУҚУҚИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ

# ОБЕСПЕЧЕНИЕ КАЧЕСТВА АКТОВ ПРИМЕНЕНИЯ ПРАВА ОРГАНОВ ВНУТРЕННИХ ДЕЛ

# ENSURING THE QUALITY OF ACTS OF APPLICATION OF THE LAW OF THE BODIES OF THE INTERNAL AFFAIRS

ШАРОФЗОДА Р.Ш.
(Сативалдыев Р.Ш.)
SHAROFZODA R.SH.
(Sativaldyev R.SH.)
*Профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
*Профессор кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета, доктор юридических наук, профессор*
*Professor of the pulpit to theories and histories state and right of the law school of the Tadzhik national university doctor of the legal sciences, professor*



E–mail: www–rustam–tj@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (5.1.1. Илмҳои ҳуқуқии назариявӣ–таърихӣ).

*Научная специальность:* 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве (5.1.1. Теоретико–исторические правовые науки).

*Scientific specialty:* 12.00.01 – Theory and history of law and state; history of the doctrines of law and the state (5.1.1. Theoretical and historical legal sciences).

*Тақриздиҳанда:* НЕМАТОВ А.Р. – сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

*Рецезент*: НЕМАТОВ А.Р. – старший научный сотрудник Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, доктор юридических наук, доцент.

*Reviwer*: NEMATOV A.R. – Senior Researcher at the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Law, Associate Professor.

*Аннотатсия*: Дар мақола ҷанбаҳои гуногуни масъалаи сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ ҳамчун омили таъмини самаранокии фаъолияти субъектон дар соҳаи татбиқи ҳуқуқ таҳқиқ карда мешавад. Аз ҷониби муаллиф таърифи илмии мафҳумҳои калидии зерин пешниҳод мешавад: «сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ, аз қабили «нишонаҳои сифатнокии санадҳои татбиқи ҳуқуқ», «маҳакҳои баҳодиҳии сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ», «маҳакҳои ҳуқуқии сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ, «маҳакҳои умумиичтимоии сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ». Масъалаи сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ дар робита бо мафҳуми «сифат», истифодаи он дар фалсафа ва илмҳои дигар, мафҳум ва аломатҳои санадҳои татбиқи ҳуқуқ, категорияи «шакл ва мазмун» таҳлил карда мешавад. Мафҳуми самаранокии фаъолияти татбиқи ҳуқуқ, маҳакҳои самаранокии санадҳои татбиқи ҳуқуқ, таносуби маҳакҳои ҳуқуқӣ

ва воқеии самаранокии санадҳои татбиқи ҳуқуқ таҳлил карда мешавад. Дар мисоли қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таносуби шакл ва мазмуни санадҳои татбиқи ҳуқуқ таҳқиқ мешавад.

*Вожаҳои калидӣ:* санадҳои татбиқи ҳуқуқ, санадҳои ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, татбиқи ҳуқуқ, сифат, сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ, нишонаҳои сифатнокии санадҳои татбиқи ҳуқуқ, маҳакҳои баҳодиҳии сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ, самаранокии санадҳои татбиқи ҳуқуқ, самаранокии фаъолияти татбиқи ҳуқуқ.

*Аннотация:* В статье исследуются различные аспекты проблемы качества актов применения права как условия обеспечения эффективности деятельности субъектов по применению права. Предлагается авторское определение ключевых понятий: «качество актов применения права», «свойства качества актов применения права», «критерии оценки качества актов применения права», «юридические критерии качества актов применения права», «общие социальные критерии качества актов применения права». Проблема качества актов применения права анализируется в контексте понятия «качество», его применения в философии и других науках, понятия и признаков актов применения права, категории «форма и содержание». Анализируются понятие эффективности деятельности по применению права, критерии эффективности актов применения права, соотношение юридического и реального критерия актов применения права. На примере законодательства Республики Таджикистан анализируется соотношение формы и содержания актов применения права.

*Ключевые слова:* акты применения права, правовые акты, нормативные правовые акты, применение права, качество, качество актов применения права, свойства качественности актов применения права, критерии оценки качества актов применения права, эффективность актов применения права, эффективность деятельности по применению права.

*Annotation:* The article examines various aspects of the problem of the quality of acts of application of law as a condition for ensuring the effectiveness of the activities of subjects in the application of law. The author's definition of key concepts is proposed: "the quality of acts of application of law", "properties of the quality of acts of application of law", "criteria for assessing the quality of acts of application of law", "legal criteria for the quality of acts of application of law", "general social criteria for the quality of acts of application of law". The problem of the quality of acts of application of law is analyzed in the context of the concept of "quality", its application in philosophy and other sciences, the concept and features of acts of application of law, the category "form and content". The concept of the effectiveness of activities for the application of law, the criteria for the effectiveness of acts of application of law, the ratio of legal and real criteria for acts of application of law are analyzed. On the example of the legislation of the Republic of Tajikistan, the correlation between the form and content of acts of application of law is analyzed.

*Key words*: acts of application of law, legal acts, normative legal acts, application of law, quality, quality of acts of application of law, properties of the quality of acts of application of law, criteria for assessing the quality of acts of application of law, effectiveness of acts of application of law, efficiency of activities for the application of law.

Мақомоти корҳои дохилӣ дар ҷараёни амалӣ намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ (Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», Кодекси ҷиноятӣ, Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ ва диг.) санадҳои татбиқи ҳуқуқ қабул мекунанд. Санадҳои татбиқи ҳуқуқ намуди сандҳои ҳуқуқӣ буда, бо мақсади татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои мушаххас ва нисбат ба шахсони муайян қабул мешаванд. Мақомоти корҳои дохилӣ дар рафти фаъолияти касбӣ (оперативӣ–ҷустуҷӯӣ, тафтишотӣ, маъмурӣ, ташкилӣ–кадрӣ ва дигар) намудҳои гуногуни санадҳои татбиқи ҳуқуқ қабул мекунанд.

Санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ дар робита бо самтҳои фаъолияти мақомоти мазкур намудҳои гуногун доранд. Чунончи, дар ҷараёни

фаъолияти маъмурии мақомоти корҳои дохилӣ санадҳои маъмурии расмиётӣ, назоратию санҷишӣ, иҷозатдиҳанда, бақайдгиранда, манъкунанда, ташкилӣ–ҳуқуқӣ қабул мешаванд.

Дар асарҳои илмӣ ба мафҳум, хусусиятҳо, намудҳои санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мешавад [5; 7; 12; 22].

Санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ бештар дар робита бо фаъолияти маъмурии мақомоти корҳои дохилӣ, риояи расмиёти маъмурӣ таҳқиқ мешаванд [2; 3; 13; 23]. Айни замон санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ дар соҳаҳои дигари фаъолияти онҳо низ қабул мешаванд.

Сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ омили фаъолияти самараноки мақомоти корҳои дохилӣ дар самти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ маҳсуб мешавад. Хулосаи мазкурро ҳолатҳои зерин собит менамоянд:

а) санадҳои мазкур кафолати иҷрои вазифаҳои касбии мақомоти корҳои дохилӣ, қонеъ гардидани талабот ва манфиатҳои қонунии субъектони гуногуни фаъолияти ҳуқуқтатбиқсозии мақомоти мазкур мебошанд;

б) санадҳое, ки бо риояи тартиби (мурофиаи) қабул ва қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ қабул мешаванд, самаранокии фаъолияти татбиқи ҳуқуқро таъмин мекунанд;

в) санадҳои мазкур ҷамъу санҷиши ҳамаи ҳолатҳои воқеӣ ва ҳуқуқиро дар назар дошта, сифати онҳо барои ноил гардидан ба ҳадафҳои фаъолияти касбии мақомоти корҳои дохилӣ мусоидат мекунад;

г) санадҳои ҳуқуқтатбиқкунандаи босифати мақомоти корҳои дохилӣ дар заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор (Конститутсия, Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, фармоишҳои Вазорати корҳои дохилӣ, дастурамалҳо ва дигар) қабул гардида, нишонаи қонунӣ будани онҳост.

Сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқро дар робита бо категорияи фалсафии «сифат» мебояд таҳқиқ намуд. Калимаи «сифат» аз лиҳози этимологӣ нишонаҳои фарққкунандаи предмет ё падидаҳоро дар назар дорад. Дар илми фалсафа категорияи «сифат ва миқдор» тарафҳои муҳимми воқеияти объективиро муайян мекунад. Дар заминаи ин нишонаҳо мансубияти объект ба гурӯҳи объектҳои наздик муайян карда мешавад. «Сифат» барои муайян намудани ҳастии объект истифода мешавад [11, с. 216].

Дар илмҳои дақиқ категорияи «сифат» бо мақсади пешниҳоди стандартҳои сифат истифода мешавад. Дар илмҳои иқтисодӣ мафҳуми «сифат» (сифати маҳсулот, сифати хизматрасонӣ) бо мақсади муайян намудани сатҳи қонеъ гардидани талаботи истеъмолкунандагон истифода мешавад. Стандартҳои сифатнокӣ аз тарафи Ташкилоти байналмилалии СММ оид ба стандартизатсия, Ташкилоти байналмилалии тандурустӣ (стандартҳои сифати хизмати тиббӣ), дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти меҳнатӣ (стандартҳои сифати меҳнат) муайян карда мешаванд [18, с. 25–26]. Дар илми ҳуқуқшиносӣ мафҳуми «сифат» барои баҳодиҳӣ ба падидаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ истифода мешавад (сифати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, сифати қонун, сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ ва ғайра).

Бо дарназардошти асосҳои илмӣ–методологии фалсафӣ сифати санади татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ дар робита бо маҷмӯи нишонаҳои ин санадҳо бояд муайян карда шавад. Нишонаҳое, ки сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилиро муайян мекунанд, нишонаҳои сифатнокии санадҳои мазкурро ташкил медиҳанд. Нишонаҳои сифатнокии санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ маҷмӯи аломатҳо ва хусусиятҳои санадҳои татбиқи ҳуқуқи мазкур мебошанд, ки дар маҷмӯъ сифати онҳоро дар робита бо тафовуташон аз дигар санадҳои ҳуқуқӣ ифода мекунанд.

Ин нишонаҳо низоми муташаккилонаро ташкил дода, ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд:

1) нишонаҳое, ки аломатҳои ин санадҳоро дар тафовут аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ муайян мекунанд;

2) нишонаҳое, ки зимни риояи қоидаҳои техникӣ–ҳуқуқӣ зоҳир мешаванд;

3) нишонаҳое, ки хусусиятҳои ин санадҳоро ҳамчун мушаххаскунанда ва фардикунандаи меъёрҳои умумии ҳуқуқӣ муайян мекунанд;

4) нишонаҳое, ки хусусияти санадҳои мазкурро ҳамчун воситаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои маъмурӣ, оперативӣ–ҷустуҷӯӣ, тафтишотӣ ва дигар муайян мекунанд;

5) нишонаҳое, ки хусусияти ин санадҳоро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ–ҳуқуқӣ (инъикоскунандаи талаботи ҳаёти ҷомеа ва талаботи қонунгузорӣ) муайян мекунанд;

6) нишонаҳое, ки хусусияти санадҳои зикршударо ҳамчун падидаи ҳаёти фарҳангӣ, инъикоскунандаи сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, сатҳи омодагии касбии онҳо мекунанд.

Сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ дар заминаи риояи маҳакҳои муайяни сифатнокии ин санадҳо таъмин мешавад. Маҳакҳои сифатнокии санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ талаботи иҷтимоӣ–ҳуқуқӣ мебошанд, ки ба ин санадҳо пешниҳод гардида, нишонаҳои сифатнокии онҳоро инъикос мекунанд. Ин маҳакҳо ба умумииҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ҷудо мешаванд.

Маҳакҳои умумииҷтимоӣ, ки мувофиқати мазмуни санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилиро ба талаботи иҷтимоӣ ифода мекунанд, низоми зерин доранд:

1) маҳакҳои инъикоси талаботи ҳаёти ҷомеа;

2) маҳакҳои моддӣ–молиявӣ;

3) маҳаки иқтисодӣ;

3) маҳакҳои иҷтимоӣ (инъикоси манфиатҳои иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар соҳаи музди меҳнат ва ғайра);

4) маҳаки фарҳангӣ–ҳуқуқӣ (қабули санадҳои татбиқи ҳуқуқ бо дарназардошти анъанаҳои миллӣ, одатҳои касбии мақомоти корҳои дохилӣ, риояи қонунҳои миллӣ ва ғайра);

5) маҳаки сиёсӣ (қабули санадҳои татбиқи ҳуқуқ бо дарназардошти ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати давлати Тоҷикистон).

Маҳакҳои ҳуқуқии сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ нишонаҳое мебошанд, ки мутобиқати санадҳои татбиқи ҳуқукро ба талаботи ҳуқуқӣ ифода мекунанд. Маҳакҳои мазкур намудҳои зерин доранд:

1) маҳакҳое, ки сатҳи татбиқи меъёрҳои қонунгузориро дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ бо дарназардошти ҳолатҳои мушаххас муайян мекунанд;

2) маҳакҳое, ки нақши санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилиро дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои тафтишотӣ, маъмурӣ ва дигар муаян мекунанд;

3) маҳакҳое, ки аз мутобиқати санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ ба қонунгузорӣ далолат мекунанд;

4) маҳакҳое, ки инъикоси арзишҳои ахлоқӣ, аз ҷумла, меъёрҳои Кодекси одоброро дар санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ муайян мекунанд;

5) маҳакҳое, ки нақши санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилиро дар ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муайян мекунанд);

6) маҳакҳои техникӣ–ҳуқуқии санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ.

Ба сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ омилҳои объективӣ (шароити объективии ҳаёти ҷомеа, дигаргуниҳои ҷамъиятӣ, самтҳои рушди иҷтимоӣ–иқтисодӣ) ва субъективӣ (сатҳи шуури ҳуқуқӣ, сифати таҳсилоти касбии ҳуқуқшиносӣ, сатҳи омодагии касбии субъектони ҳуқуқтатбиқкунанда, риояи қоидаҳои техникӣ–ҳуқуқии омода намудани санадҳои татбиқи ҳуқуқ, риояи талаботи қонунгузорӣ) таъсир мерасонанд.

Ҳангоми таҳқиқи сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ ба таносуби санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқукӣ, санадҳои ҳуқуқӣ, санадҳои мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ (судӣ, прокурорӣ, гумрукӣ ва дигар), ҳамчунин, шаклҳои ифодаи санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ, мутбиқати байни шакл ва мазмуни ин санадҳо, субъектони қабулкунандаи санадҳои мазкур мебояд эътибор дод.

Мебояд зикр намуд, ки ҳоло доираи субъектони қабулкунандаи санадҳои татбиқи ҳуқуқ дар робита бо фаъолияти ҳуқуқтатбиқсозии ҳам мақомоти давлатӣ ва ҳам ташкилотҳои ғайридавлатӣ васеъ гардида, бо ин санадҳо муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, фаъолияти меҳнатӣ, хизматӣ, идоракунӣ ва ғайра танзим мешаванд [24, с. 17].

Дар натиҷаи муқоисаи санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ бо санадҳои зикршуда хусусиятҳои санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ, ки сифати онҳоро муайян мекунанд, бештар зоҳир мешаванд. Муайян намудани хусусиятҳои санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ барои аниқ намудани тафовути ин санадҳо аз дигар санадҳои татбиқи ҳуқуқ (санадҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия, санадҳои прокурорӣ, судӣ, гумрукӣ, нотариалӣ ва дигар) ва нишонаҳои сифатнокии санадҳои мазкур аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ хусусиятхои зерин доранд:

1) санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ аз тарафи мақомоти корҳои дохилӣ дар доираи салоҳияти ҳокимиятии онҳо қабул гардида, мазмуни ҳокимиятӣ доранд;

2) санадҳои мазкур бо мақсади амалӣ намудани чораҳои ҳифзи ҳуқуқӣ, аз он ҷумла чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ (маъмурӣ, интизомӣ ва дигар), таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, бехатарии ҳаракати нақлиёт ва ғайра қабул мешаванд;

3) санадҳои зикршуда бо мақсади гузаронидани амалиёти тафтишотӣ, оперативӣ–ҷустуҷӯӣ, кадрии ташкилӣ, моддӣ–молиявӣ ва дигар қабул мешаванд;

4) дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ дар давраи гузаронидаи амалиёти зиддитеррористӣ, зиддинашъамандӣ ва дигар қабул мешаванд;

5) санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ дар робита бо самти асосии фаъолияти мақомоти мазкур – мубориза бо ҷинояткорӣ, аз ҷумла, дар иртибот бо истифодаи силоҳи оташфишон, аслиҳаи ҷангӣ, воситаҳои махсус ва ғайра қабул мешаванд;

6) санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ бо мақсади амалӣ намудани вазифаҳои хизматии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, ки вазъи ҳуқуқии махсуси кормандони мазкурро муайян мекунад, қабул мешаванд.

Хусусиятҳои зикршудаи санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ зимни муайян намудани сифати ин санадҳо бояд ба инобат гирифта шаванд.

Санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ дорои аломатҳои умумие мебошанд, ки ба ҳамаи санадҳои татбиқи ҳуқуқ тааллуқ доранд. Ба аломатҳои санадҳои татбиқи ҳуқуқ дар асарҳои илмӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мешавад [1, с.79–81; 10, с. 16; 19, с. 331–332]. Дар заминаи ин аломатҳо нишонаҳои умумӣ ва маҳакҳои сифатнокии санадҳои татбиқи ҳуқуқ муайян карда мешаванд.

Санадҳои татбиқи ҳуқуқ аломатҳои зерини умумӣ доранд:

– бо тартиби муайян ва дар шакли ҳуҷҷати расмии ҳуқуқӣ қабул мешаванд;

– оқибати ҳуқуқӣ доранд;

– бо риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ таҳия карда мешаванд;

– аз тарафи мақомоти давлатӣ қабул гардида, шакли амалӣ намудни салоҳияти ҳокимиятӣ мебошанд;

– шаклҳои гуногун (фармон, фармоиш, қарор ва ғайра) доранд, ки бо қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (низомномаҳо, оинномаҳо) муқаррар карда мешавад;

– хусусияти фардӣ дошта, нисбат ба шахсони муайян қабул мешаванд;

– санадҳои мушаххас буда, меъёрҳои умумии қонунро дар ҳолатҳои мушаххаси ҳаётӣ татбиқ мекунанд;

– факти ҳуқуқӣ буда, асоси пайдоиш, тағйир ва қатъи муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд;

– вазъи ҳуқуқии умумии субъектони ҳуқуқро дар ҳолатҳои ҷудогонаи ҳаётӣ ё нисбат ба шахсони муайян мушаххас мекунанд;

– меъёрҳои умумии ҳуқуқиро муқаррар намекунанд ва сарчашмаи ҳуқуқ нестанд.

Ҳамзамон бо ин, санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ аломатҳои махсуси худро доранд. Ин аломатҳо дар робита бо хусусиятҳои санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ, ки болотар зикр шуданд, муайян карда мешаванд.

Риояи аломатҳои санадҳои татбиқи ҳуқуқ яке аз роҳҳои аввалиндараҷаи таъмини сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ маҳсуб мешавад. Хулосаи мазкур бо нуктаҳои зерини илмӣ собит мегардад:

1) ин санадҳо муносибатҳои ҷамъиятиро, ки дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ пайдо мешаванд, бо истифода аз тарзу воситаҳои махсус, бо дарназардошти вазифаҳои мақомоти мазкур, дар робита бо соҳаҳои ҳуқуқтатбиқсозӣ (идоракунӣ, фаъолияти тафтишотӣ, назоратию санҷишӣ ва ғайра) танзим мекунанд;

2) риояи шаклҳои дахлдори санадҳои мазкур кафолати қонунӣ будани онҳост, чунки ин санадҳо хусусияти расмӣ дошта, дар қонун пешбинӣ мешавад (қонунгузории соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, оперативӣ–ҷустуҷӯӣ ва дигар);

3) санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ (фармоишҳои ғайримеъёрии Вазири корҳои дохилӣ, санадҳои фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯӣ, тафтишотӣ, маъмурӣ, назоратӣ ва дигар) эътибори ҳуқуқӣ дошта, оқибати ҳуқуқиро ба миён меоранд;

4) бо тартиби муайян ва риояи қонунгузорӣ қабул мешаванд.

Таснифи санадҳои татбиқи ҳуқуқ зимни таҳқиқи сифати ин санадҳо бояд ба инобат гирифта шавад. Дар заминаи усули зикршуда сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ дар робита бо аломатҳои ин санадҳо, мавқеи онҳо дар низоми ҳамаи санадҳои ҳуқуқӣ (меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ), дар механизми танзими ҳуқуқӣ (дар муқоиса бо унсурҳои дигари механизми танзими ҳуқуқӣ) муайян карда мешавад.

Таъмини сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ аз интихоби дурусти шакли он вобастагӣ дорад. Шаклҳои зерини санадҳои татбиқи ҳуқуқ ҷудо карда мешаванд:

1) фамон, фармоиш, қарор, амр, ҳукм, ҳалнома, таъйинот ва дигар;

2) санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти давлатӣ (Президент, Ҳукумат, мақомоти иҷроия, мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти прокуратура, судҳо, мақомоти назоративу тафтишотӣ ва дигар);

3) санадҳои татбиқи ҳуқуқи ташкилотҳои ғайридавлатӣ (санадҳои мақомоти идоракунии ташкилотҳои корпоративӣ, субъектони фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар);

4) санадҳои татбиқи ҳуқуқи локалӣ (санадҳои мақомоти идоракунии корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо);

5) санадҳои татбиқи ҳуқуқи танзимкунанда (фармоиш оид ба таъйин ба вазифа, ба вазифаи дигар гузаронидан) ва ҳифзкунанда (қарор оид ба оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, барқарор намудани зарари расонидашуда, дар кори пештара барқарор намудан);

6) санадҳои татбиқи ҳуқуқи соҳавӣ (маданӣ, оилавӣ, молиявӣ ва дигар);

7) санадҳои татбиқи ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавӣ;

8) санадҳои татбиқи ҳуқуқи фаврӣ (дар соҳаи татбиқи чораҳои ҷавобгарӣ барои вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва ғайра) ва амалкунанда (дар соҳаи қайди никоҳ, таъйини нафақа ва ғайра).

Шаклҳои санадҳои татбиқи ҳуқуқ дар қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ мешаванд. Субъектони татбиқи ҳуқуқ (кормандони роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ, муфаттишон, кормандони оперативӣ–ҷустуҷӯӣ ва дигарон) дар ҳолатҳои дахлдор ин ё он шакли санадҳои татбиқи ҳуқукро интихоб мекунанд. Дар натиҷа таносуби шакл ва мазмуни санадҳои татбиқи ҳуқуқ таъмин мешавад. Шакли санадҳои татбиқи ҳуқуқ мазмуни дохилии онҳоро ифода мекунанд.

Шакли санадҳои татбиқи ҳуқуқ аломати расмӣ, субъекти қабулкунанда, эътибори ҳуқукии ин санадҳоро муайян меку-

над. Барои ҳамин, ба таҳлили шаклҳои санадҳои татбиқи ҳуқуқ эътибори ҷиддӣ медиҳанд [8, с. 436; 14, с. 76–80].

Айни замон имконияти қабули санадҳои ҳуқуқии омехта, ки хусусиятҳои санадҳои меъёрӣ ва татбиқи ҳуқуқро (фардиро) доранд, вуҷуд дорад. Ба андешаи аксарияти олимон, ҷудо намудани санадҳои ҳуқуқии омехта аз дигар санадҳои ҳуқуқӣ асоси воқеӣ надорад, санади меъёрии ҳуқуқӣ меъёрҳои фардиро дар бар гирифта наметавонад, дар санади татбиқи ҳуқуқ пешбинӣ намудани меъёрҳои умумии ҳуқуқӣ мамкин нест [6, с. 10; 9].

Аз лиҳози илмӣ низ қабули санадҳои ҳуқуқии омехта, ки хусусияти ҳам меъёрӣ ва ҳам ғайримеъёрӣ доранд, ба талаботи таснифи илмии санадҳои татбиқи ҳуқуқ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷавоб намедиҳад. Санадҳои татбиқи ҳуқуқ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҳамдигар фарқ доранд, вазифаҳои худро ичро мекунанд, дар танзими ҳуқуқӣ нақши гуногун доранд. Пешбинӣ намудани меъёрҳои умумии ҳуқуқӣ дар санадҳои татбиқи ҳуқуқ моҳият ва таъйиноти аслии санадҳои татбиқи ҳуқуқро тағйир медиҳад. Илова бар ин, мақомоти татбиқи ҳуқуқ наметавонанд, ки аз доираи салоҳияташон берун бароянд. Фаъолияти татбиқи ҳуқуқ берун аз фаъолияти меъёрэҷодкунӣ ба роҳ монда мешавад.

Тавре маълум аст, мақомоти давлатӣ (вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар) субъекти фаъолияти ҳам ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳам татбиқи ҳуқуқ мебошанд. Чунончи, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» субъекти ҳуқуқэҷодкунӣ буда, салоҳияти қабули фармоишҳои меъёриро дорад. Айни замон Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияти қабули фармоишҳои ғайримеъёрӣ, яъне санадҳои татбиқи ҳуқуқро дорад.

Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли мақомоти дигари давлатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои татбиқи ҳуқуқ қабул мекунад. Айни замон доираи салоҳияти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва татбиқи ҳуқуқ фарқ дорад. Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дар ҷараёни ҳуқуқтатбиқсозӣ санадҳои татбиқи ҳуқуқ қабул мекунад. Санадҳои татбиқи ҳуқуқи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли фармоишҳои ғайримеъёрӣ қабул мешаванд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» шакли санадҳои ҳуқуқии Ҳукумат, вазоратҳо, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони вилоят ва мақомоти дигар дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва татбиқи ҳуқуқ аниқ карда мешавад. Айни замон барои ҳам санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳам санадҳои татбиқи ҳуқуқ ҳамон як шакли санади ҳуқуқӣ муқаррар карда мешавад.

Санадҳои ҳуқуқии вазоратҳо ва дигар мақомоти давлатӣ дар шакли «фармоиш» қабул мешаванд. Айни замон фармоиш ҳамчун шакли расмии ҳам санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳам санади татбиқи ҳуқуқ истифода мешавад. Чунончи, тибқи банди 2–юми м. 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», вазоратҳо, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти нази Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санади меъёрии ҳуқуқиро дар шакли «фармоиш» қабул мекунанд. Мутобиқи банди 3–юми ҳамин модда, роҳбарони вазоратҳо, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти нази Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли масъалаҳои таъҷилӣ ва ҷорӣ «фармоишҳои хусусияти меъёрӣ надошта қабул мекунанд» [21].

Тавре маълум мешавад, ин ё он шакли санади ҳуқуқӣ барои ҳам санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳам санади татбиқи ҳуқуқ пешбинӣ мешавад. Аммо фарқи ин санадҳо бо аломатҳои онҳо муайян карда мешавад. Тибқи Қонуни зикршуда фармоишҳои роҳбарони вазоратҳо ва дигар мақомоти давлатӣ, ки барои ҳалли масъалаҳои таъҷилӣ ва ҷорӣ қабул шуда, хусусияти меъёрӣ надоранд, санадҳои татбиқи ҳуқуқ мебошанд.

Шаклҳои дигари санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ва дигар) пешбинӣ мешаванд.

Сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ омили авалиндараҷаи таъмини самаранокии фаъолияти татбиқи ҳуқуқ мебошад. Самаранокии фаъолияти татбиқи ҳуқуқ ҷузъи таркибии масъалаи илмии самаранокии ҳуқуқ маҳсуб мешавад. Ба масъалаи самаранокии ҳуқуқ, самаранокии меъёрҳои ҳуқуқӣ, самаранокии фаъолияти қонунгузорӣ, самаранокии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ғайра дар асарҳои илмӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мешавад [4; 15; 16; 17].

Самаранокии санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ тавассути таносуби сифат ва натиҷаҳои амалишавии ин санадҳо, мутобиқатии шакл ва мазмуни санадҳои татбиқи ҳуқуқ, мувофиқатии ҳадафҳои қабули санадҳои татбиқи ҳуқуқ ва натиҷаҳои амалишавии онҳо муайян карда мешавад. Самранокии санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ сатҳи эҳтимолӣ ва воқеӣ дорад. Сатҳи эҳтимолӣ ё пешбинишаванда зимни қабули ин санадҳо пешбинӣ карда мешавад. Мақомоти корҳои дохилӣ ҳангоми қабули санадҳои татбиқи ҳуқуқ кӯшиш мекунанд, ки талаботи қонунгузорӣ, аломатҳои асосии ин санадҳоро риоя намоянд. Аммо сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ дар ҷараёни амалӣ шуданашон зоҳир мешавад. Аз ин нуқтаи назар, самаранокии ҳуқуқӣ ва воқеии санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ ҷудо карда мешавад. Самаранокии ҳуқуқӣ зимни қабули санадҳои мазкур пешбинӣ шуда, самаранокии воқеӣ дар натиҷаи амалӣ гардидани ин санадҳо зоҳир мешавад.

Самаранокии ҳуқуқӣ ва воқеии санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ робитаи тарафайн доранд. Самаранокии ҳуқуқӣ самаранокии воқеиро таъмин мекунад. Самаранокии воқеӣ аз он далолат мекунад, ки санади татбиқшуда босифат мебошад.

Ҳамзамон бо ин, ба амалӣ гардидани санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ омилҳои гуногуни объективӣ (тағйири шароити ҳаёти ҷомеа, вазъияти фавқулодда, низои иҷтимоӣ, мураккаб гардидани вазъияти сиёсӣ–ҳарбӣ ва ғайра) ва субъективӣ (сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва омодагии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ) таъсир мерасонанд.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Аверин, А.В. Правоприменительная деятельность суда и формирование научно–правового сознания судей / А.В. Аверин. – Саратов, 2003. – 437 с.
2. Административная деятельность органов внутренних дел: учебное пособие для вузов / под ред. проф. В.Я. Кикотя. – М.: ЮНИТИ–ДАНА, Закон и право, 2003. – 521 с.
3. Административное право Российской Федерации: учебник для бакалавров / Ю.И. Мигачев, Л.Л. Попов, С.В. Тихомиров; под ред. Л.Л. Попова. 3–е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013. – 760 с.
4. Андрющенко, М. Н. Понятие эффективности и его философский смысл / М. Н. Андрющенко // Учен. записки кафедры обществ. наук вузов г. Ленинграда. – Л.: Изд–во ЛГУ, 1971. – Вып. 12. – С. 42 – 49.
5. Анюров, Ф.Ф. Организация руководителями регистрационно–учетной работы в органах внутренних дел и пути ее совершенствования. – М., 2008. – 126 с.
6. Бошно, С.В., Пытикова, Т.А. Приказ: нормативный или правоприменительный акт? / С.В. Бошно, Т.А. Пытикова // Юрист. – 2005. – № 10. – С. 10–12.
7. Веремеенко, И.И. Механизм административно–правового регулирования в сфере охраны общественного порядка. Ч. II / И.И. Веремеенко. – М., 1982. – 117 с.
8. Вопленко, Н.Н. Очерки общей теории права / Н.Н. Вопленко. – Волгоград, 2009. – 896 с.

9. Гайворонская, Я.В., Балковая, Е.Г. Правовые акты Российской Федерации: общетеоретический аспект исследования: монография / Я.В. Гайворонская, Е.Г. Балковая. – Владивсток, 2009. – 277 с.
10. Гарапшин, К.М. Правоприменительная практика в советском и общенародном государстве: автореф. дис…канд. юрид. наук: 12.00.01 / Камиль Мухаметханович Гарапшин. – Казань, 1986. – 20 с.
11. Гегель, Г.В.Ф. Энциклопедия философских наук. – Т. 1: Наука логики. – М., 1974. – 452 с.
12. Гребенщиков, А.В. Законность в регулировании отношения в сфере общественного труда: автореф. дис. …канд. юрид. наук: 12.00.05 / Анатолий Владимирович Гребенщиков. – Л., 1987.– 24 с.
13. Евтихиев, И.И. Виды и формы административной деятельности органов государственного управления: дис. … д–ра юрид. наук: 12.00.01 / Иван Иванович Евтихиев. – М., 1948. – 112 с.
14. Ермолаева, А.В. Методология подготовки нормативных актов органов исполнительной власти (докуменоведчекий аспект) / А.В. Ермолаева // Власть. – 2011. – № 11. – С. 76–80.
15. Жинкин, С. А. Психологические проблемы эффективности права / С. А. Жинкин. – М.: Юрид. центр пресс, 2009. – 373 с.
16. Жинкин, С.А. Эффективность права: антропологическое и ценностное измерение: автореф. на науч. степени докт. юр. Наук: 12.00.01 / Сергей Алексеевич Жинкин. – Краснодар, 2009. – 41 с.
17. Законодательная техника: научно–практическое пособие / под ред. Ю. А. Тихомирова. – М.: Городец, 2000. – 272 с.
18. Зинченко, В.П., Мунипов, В.М., Рубахин, В.Ф. Психологические проблемы эффективности качества труда / В.П. Зинченко, В.М. Мунипов, В.Ф. Рубахин // Психологический журнал. – 1984. – Том 5. – № 2. – С. 25 – 26.
19. Карташов, В.Н. Теория правовой системы общества: учебное пособие в двух томах. – Т. 1 / В.Н. Карташов. – Ярославль: ЯрГУ, 2005. – 547 с.
20. Кашанина, Т.В. Юридическая техника: учебник / Т.В. Кашанина. – М., 2011. – 496 с.
21. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи с. 2017, № 1414 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ.1, мод. 271; с. 2019, № 7, мод. 465.
22. Костенников, М.В., Куракин, А.В. Актуальные проблемы науки административного права / М.В. Костенников, А.В. Куракин / под ред. Н.А. Овчинникова. – М., 2011. – 760 с.
23. Куракин, А.В., Костенников, М.В. Принципы организации и деятельности российской полиции / А.В. Куракин, М.В. Костенников // Российское полицейское право. – 2013. – 2. – С. 22–49.
24. Миннекес, И.А. Индивидуальное правовое регулирование: (теоретико–правовой анализ): автореф. дис…докт. юрид. наук: 12.00.01 / Илья Анисимович Миннекес. – Екатеринбург, 2009.– 52 с.

## References

1. Averin, A.V. Law enforcement activities of the court and the formation of scientific and legal consciousness of judges / A.V. Averin. – Saratov, 2003. – 437 p.
2. Administrative activity of internal affairs bodies: textbook for universities / ed. prof. V.Ya. Kikotya. – M.: UNITI–DANA, Law and Law, 2003. – 521 p.
3. Administrative law of the Russian Federation: textbook for bachelors / Yu.I. Migachev, L.L. Popov, S.V. Tikhomirov; ed. L.L. Popov. 3rd ed., revised. and additional – M.: Yurayt Publishing House, 2013. – 760 p.
4. Andryushchenko, M. N. The concept of efficiency and its philosophical meaning / M. N. Andryushchenko // Uchen. notes of the department of societies. sciences of higher education institutions of Leningrad. – L: Publishing house of Leningrad State University, 1971. – Issue. 12. – S. 42 – 49.
5. Anyurov, F.F. Organization by the heads of registration and accounting work in the internal affairs bodies and ways to improve it. – M., 2008. – 126 p.
6. Boshno, S.V., Pytikova, T.A. Order: normative or law enforcement act? / S.V. Boshno, T.A. Pytikova // Lawyer. – 2005. – No. 10. – P. 10–12.
7. Veremeenko, I.I. The mechanism of administrative and legal regulation in the field of public order. Part II / I.I. Veremeenko. – M., 1982. – 117 p.
8. Voplenko, N.N. Essays on the general theory of law / N.N. Voplenko.– Volgograd, 2009.– 896 p.

9. Gaivoronskaya, Ya.V., Balkovaya, E.G. Legal acts of the Russian Federation: general theoretical aspect of the study: monograph / Ya.V. Gaivoronskaya, E.G. Balkovaya. – Vladivostok, 2009. – 277 p.
10. Garapshin, K.M. Law enforcement practice in the Soviet and nationwide state: author. dis..cand. legal Sciences: 12.00.01 / Kamil Mukhametkhanovich Garapshin. – Kazan, 1986. – 20 p.
11. Hegel, G.W.F. Encyclopedia of Philosophical Sciences. – Vol. 1: Science of logic. – M., 1974. – 452 p.
12. Grebenshchikov, A.V. Legality in the regulation of relations in the sphere of social labor: author. dis. …cand. legal Sciences: 12.00.05 / Anatoly Vladimirovich Grebenshchikov. – L., 1987. – 24 p.
13. Evtikhiev, I.I. Types and forms of administrative activity of public administration: dis. … Dr. jurid. Sciences: 12.00.01 / Ivan Ivanovich Evtikhiev. – M., 1948. – 112 p.
14. Ermolaeva, A.V. Methodology for the preparation of normative acts of executive authorities (documentary aspect) / A.V. Ermolaeva // Power. – 2011. – No. 11. – P. 76–80.
15. Zhinkin, S. A. Psychological problems of the effectiveness of law / S. A. Zhinkin. – M.: Yurid. center press, 2009. – 373 p.
16. Zhinkin, S.A. Efficiency of Law: Anthropological and Value Measurement: Abstract of the thesis. on scientific doctorate degrees. legal Sciences: 12.00.01 / Sergei Alekseevich Zhinkin. – Krasnodar, 2009. – 41 p.
17. Legislative technique: scientific and practical guide / ed. Yu. A. Tikhomirova. – M.: Gorodets, 2000. – 272 p.
18. Zinchenko, V.P., Munipov, V.M., Rubakhin, V.F. Psychological problems of labor quality efficiency / V.P. Zinchenko, V.M. Munipov, V.F. Rubakhin // Psychological journal. – 1984. – Volume 5. – No. 2. – P. 25 – 26.
19. Kartashov, V.N. The theory of the legal system of society: a textbook in two volumes. – T. 1 / V.N. Kartashov. – Yaroslavl: YarSU, 2005. – 547 p.
20. Kashanina, T.V. Legal technique: textbook / T.V. Kashanin. – M., 2011. – 496 p.
21. Law of the Republic Tadzhikistan "About normative legal acts" // The Bordereaus Madzhlisi Oli Republics Tadzhikistan. – 2017. – № 5. – P. 99.
22. Kostennikov, M.V., Kurakin, A.V. Actual problems of the science of administrative law / M.V. Kostennikov, A.V. Kurakin / ed. ON THE. Ovchinnikov. – M., 2011. – 760 p.
23. Kurakin, A.V., Kostennikov, M.V. Principles of organization and activity of the Russian police / A.V. Kurakin, M.V. Kostennikov // Russian police law. – 2013. – 2. – P. 22 – 49.
24. Minnekes, I.A. Individual legal regulation: (theoretical and legal analysis): author. dis...doc. legal Sciences: 12.00.01 / Ilya Anisimovich Minnekes. – Yekaterinburg, 2009. – 52 p.

# МИНБАРИ МУҚАРРИЗОН

## ТРИБУНА РЕЦЕНЗЕНТОВ
## TRIBUNE OF REVIEWERS

ТДУ 343.9



ЗОКИРЗОДА З.Х.
ZOKIRZODA Z.KH.
*Дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва методикаи таълими факултети таърих ва ҳуқуқи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ*
*Доцент кафедры права и методики образования факультета истории и права Педагогического института Таджикистана в Раштском районе, кандидат юридических наук*
*Associate Professor of the Department of Law and Methods of Education of the Faculty of History and Law of the Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht region, candidate of legal sciences*
E–mail: zafar.khayrullozoda@mail.ru

**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–019–и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

### ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи Муродзода Фирӯза Рӯзибой дар мавзӯи «Тавсифи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминологии муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

### ОТЗЫВ

**официального оппонента на диссертацию Муродзода Фирузы Рузибой на тему «Уголовно–правовая и криминологическая характеристика незаконного оборота прекурсоров в Республике Таджикистан», представленную на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.08 – Уголовное право и криминология; уголовно–исполнительное право (юридические науки)**

### REVIEW

**The official opponent for the thesis of Murodzod Firuza Ruziba on the topic "Criminal and legal and criminological characteristics of illicit trafficking in precursors in the Republic of Tajikistan", submitted for the degree of candidate of legal sciences in the specialty 12.00.08 – Criminal law and criminology; penal law (jurisprudence)**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Муродзода Фирӯза Рӯзибой дар мавзӯи «Тавсифи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминологии муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), ки аз

рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7–уми январи соли 2022, таҳти №15/шд 62 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

Маврид ба тазаккур аст, ки диссертатсияи тақризшаванда дар доираи барномаи корҳои илмӣ–таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2–юми Академия ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷиноятҳои хусусияти террористӣ, экстремистӣ, муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ва коррупсионидошта» омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия.** Мавзӯи дар маркази таҳқиқоти диссертатсионии Муродзода Фирӯза Рӯзибой қароргирифта бешубҳа, мубрам буда, он ҷавобгӯи шароити кунунии тараққиёт ва рушди ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар шароити имрӯза дар таъмини субот ва амнияти саломатии аҳолӣ, инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва микёси ҷаҳон муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо дар баробари дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ (савдои одамон, хариду фурӯши силоҳ, терроризм ва экстремизм) хатари воқеӣ эҷод намудааст. Вобаста ба ин, муқовимат бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ва прекурсорҳо қисми ҷудонашавандаи мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккил, терроризми байналмилалӣ ва экстремизми сиёсӣ ба ҳисоб рафта, ба воситаи татбиқи чораҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ, техникӣ, ҷустуҷӯиву пешгирикунанда ва ғайра амалӣ карда мешавад.

Бо назардошти мушкилоти ҷойдошта мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои марбутаи Тоҷикистон муваззаф гардидаанд, ки фаъолиятро дар самти пешгирӣ ва муқовимат бар зидди муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо тақвият бахшида, тамоми имкониятҳоро барои ошкор намудани гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятпеша ва қочоқи маводи мухаддир сафарбар намоянд.

Принсипҳои конститутсионии адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ мазмуни мустақил ва аҳаммияти хоссаи мурофиавӣ доранд, онҳо бо ҳамдигар алоқамандии зич дошта, танҳо дар ягонагӣ моҳияти мурофиаи ҷиноятиро ифода ва инъикос карда метавонанд. Принсипҳои конститутсионии адолати судӣ кафолати таъмини амалӣ гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷараёни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ мебошанд. Аҳаммияти принсипҳои конститутсионии адолати судӣ дар он ифода меёбанд, ки онҳо дар ягонагӣ барои пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар ҳама марҳилаҳои он низоми танзимёфта, қатъиян муайян, умумиҳатмӣ, мураттаб ва пайдарҳамро пешбинӣ мекунанд, ки ҷавобгӯӣ ҳадаф ва мақсадҳои мурофиаи ҷиноятӣ мебошанд.

Принсипи қонуният яке аз асосҳои конститутсионии баамалбарории адолати судӣ ба шумор меравад, ки дар ҳама марҳилаҳои мурофиавии ҷиноятӣ дар ягонагӣ бо дигар принсипҳои адолати судӣ бевосита амал мекунад, амалӣ гаштани онро меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ таъмин мекунанд.

Дар адабиёти илмию таълимӣ доир ба мафҳуми қонуният нуқтаи назари гуногунро дидан мумкин аст. Дар атроф паҳлуҳои гуногуни мафҳуми "қонуният", профессор Р.Ш. Шарофзода (Сотиволдиев) мавзуи баҳсу мунозираи олимон–ҳуқуқшиносонро мавриди тадқиқот қарор дода, ақида ва хулосаҳои асосноки хешро пешбарӣ кардаанд, ки

мувофиқан қонуният ҳамчун принсип, ғоя, усул, режим ва талабот дар фаҳмиши васеъ ифода ва таҳлил шудааст. Хусусан, дар робита бо андешаи қонуни ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи инсон мафҳуми «қонунияти ҳуқуқӣ» [10, с. 642–650] пешниҳод ва асосонок шудааст, ки ҷоизи дастгирӣ мебошад.

Қонуният ифодакунанда, нишондиҳандаи сатҳи риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи нишондодҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз тарафи тамоми мақомоти давлатӣ, ташкилот, муассиса, корхонаҳо, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо мебошад. Риоя, иҷроиш ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ – унсурҳои дохилии амалигардии меъёрҳои ҳуқуқӣ, нишондод ва талаботи ҳуқуқӣ ба шумор меравaнд, ки дар ягонагӣ меҳвари принсипи қонуниятро дар мурофиаи ҷиноятӣ ташкил медиҳанд.

Қонуният – принсипи умумиҳуқуқӣ буда, аз мазмуни меъёри Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Моддаи 10–уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон волоияти Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқиро дар ҳудуди ҷумҳурӣ қатъиян тасдиқ намуда, эътибори умумиҳуқуқӣ, умумиҳатмӣ ва қатъӣ доштани онҳоро муайян кардааст. Азбаски мазмуни қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқиро ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳанд, пас қонуният ҳам дорои хусусияти ҳуқуқӣ (ҳуқуқи инсон) мебошад » [8, с. 41–54].

Ин принсипи умумиҳуқуқӣ дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ қувваи амали бевосита дорад. Мазмуни он дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар муқаррар карда шудани тартиби муайяни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ аниқ мегардад, ки мувофиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби пешбурди парвандаи ҷиноятиро Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМҶ ҶТ), ки аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад, муайян мекунад. Тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ барои суд, мақомоти прокуратура, тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ, инчунин барои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, хусусияти ҳатмӣ дорад.

Мутобиқан, дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ қонуният аз риоя гаштан ва иҷроиши дақиқи қонун ҳам аз тарафи мақомоти масъули давлатӣ (муфаттиш, шахси таҳқиқбаранда, прокурор, суд), ҳам аз тарафи дигари иштирокчиёни манфиатдор (гумонбаршуда, айбдоршаванда, айбдоркунандаи хусусӣ, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ, ҳимоятгар), инчунин, аз тарафи иштирокчиёне, ки назорати соҳавӣ–идоравии риояи қонун (сардорони воҳидҳои тафтишоту таҳқиқ), назорати прокурорӣ (прокурор) ва назорати судиро (суд) ба амал мебароранд, иборат мебошад.

Барои муфаттишон ва мақомоти таҳқиқ риояи қонун – ин, пеш аз ҳама, таъмини сари вақт ва пурра фош айби шахс дар содир кардани ҷиноят ва исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят буда, қатъиян мутобиқи қонун гузаронида шудани ҳама гуна амалҳои мурофиавӣ оид ба ҷамъ намудан ва таҳқиқи далелҳоро талаб мекунад. Бо ҳамин мақсад дар КМҶ ҶТ ба тариқи дақиқ тартиб ва қоидаҳои анҷом дода шудани амалҳои мурофиавӣ–тафтишотӣ ва қабули қарорҳои мурофиавӣ пешбинӣ шудааст. Дар айни ҳол, онҳо на танҳо талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, балки қонуни ҷиноятӣ ва дигар қонунҳои ҷориро низ бояд дақиқ риоя намоянд.

Талаботи риояи дақиқ ва иҷрои қонунҳо дар марҳилаи тафтиши пешакӣ, ба монанди дигар марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, на танҳо нисбати шахсони масъул, балки ба шаҳрвандон, ҳимоятгар, тарҷумон, ҷабрдида, коршиносон, мутахассисон ва дигарон низ дахл дорад. Дар баъзе мавридҳо шаҳрвандон бояд имконияти мурофиавии саривақт дар муносибатҳои мурофиави ҷиноятӣ иштирок карданро дошта бошанд, муфаттиш ва дигар шахсони масъуле, ки пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба зиммаи онҳо вогузор шудааст вазифадоранд:

а) сари вақт дар бораи роҳ додани иштироки онҳо дар мурофиаи парванда қарор қабул намоянд (масалан, қарор дар бораи ба ҷавобгари ҷиноятӣ кашидан ба сифати айбдоршаванда, қарор дар бораи ҷабрдида эътироф кардани шахс ва монанди инҳо);

б) ҳуқуқ ва вазифаҳои онҳоро фаҳмонанд;

в) имконияти ба амал баровардани ҳуқуқҳои ба онҳо тааллуқ доштаро таъмин кунанд.

Доираи амали принсипи қонуният ва мазмуни он хеле васеъ мебошад [7, с. 124], ки дар шакли зерин низ ифода кардан мумкин аст;

1) мавриди амал қарор доштани маҷмуи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби мақомоти олии қонунбарор қабул шудааст;

2) ҳатмӣ будани риоя ва иҷрои санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ;

3) амалӣ гаштани назорати риоя ва иҷрои санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ;

4) пешбинӣ шудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои риоя ва иҷро нашудани санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ;

5) пешбининӣ шудани чораҳои ошкор, пешгирӣ ва барқарор кардани оқибатҳои риоя ва иҷро нашудани санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ.

Амали ин принсип ба ҳамаи давраҳо ва соҳаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, нисбати ҳамаи иштирокчиён, нисбати ҳамаи амалҳо ва санадҳои мурофиавӣ дахл дошта, ҳамаи тарафҳои фаъолият ва муносибатҳои мурофиавиро тавсиф намуда, мазмуни дигар принсипҳоро тақвият медиҳад, барои воқеан амалӣ гаштани онҳо мусоидат мекунад. Бинобар ин, принсипи қонуният дар байни дигар принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ мавқеи марказӣ ва аввалиндараҷаро ишғол менамояд [2, с. 43].

Тибқи м. 9 КМҶ ҶТ суд, судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ вазифадоранд, ки муқаррароти Конститутсияи ҶТ, КМҶ ҶТ ва дигар қонунҳоро ба таври дақиқ, якхела риоя, иҷро намоянд. Лекин, ин меъёр – принсип ба ғайр аз мақомоти ваколатдори давлатӣ дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро оиди риоя ва иҷроиши қонунҳо вазифадор накардааст.

Муқаррароти мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки дар дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мешаванд, бояд ба муқаррароти КМҶ ҶТ мутобиқ бошанд (қ. 2 м. 9 КМҶ ҶТ).

Ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ риоя накардани талаботи қонун, сарфи назар аз он ки дар кадом асос роҳ дода шудааст, иҷозат дода намешавад ва боиси масъулияти муқаррарнамудаи қонун гардида, санадҳои ғайриқонунӣ қабулшуда беэътибор дониста, бекор карда мешаванд. Лекин, агар ба мазмуни меъёрҳои КМҶ ҶТ назар андозем, дар ҷараёни маҷлиси судӣ оид ба тартиби беэътибор донистани санадҳои мурофиавии ғайриқонунӣ қабул шуда ё аз асоси айбдорӣ хориҷ кардани далелҳое, ки ҷоиз нестанд, ягон меъёри дахлдор дида намешаванд.

Бо назардошти ҳолатҳо ва муқаррароти номбаршуда, барои дар амалия пурра татбиқ гаштани талаботи принсипи қонуният ба мақсад мувофиқ аст, ки;

а) қисми 1 м. 9 КМҶ ҶТ ба тариқи зайл тағйир дода шавад: «Суд, судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда ва дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ вазифадоранд, ки муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КМҶ ҶТ ва дигар қонунҳоро ба таври дақиқ, якхела риоя, иҷро намоянд;

б) дар моддаи 150, қ.1 м. 168 КМҶ ҶТ салоҳияти прокурор оиди бо қарори худ беэътибор донистани маълумоти (далелҳо) ба таври ғайриқонунӣ ҷамъовардаи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин аз асоси айбдорӣ хориҷ кардани онҳо бояд пешбинӣ карда шаванд;

в) ба ҳамин гуна тағйирот қ.1 м.306 КМҶ ҶТ низ ниёз дорад. Бо мақсади таъмини риоя ва иҷроиши талаботи принсипи қонуният суд [5, с. 285] вазифадор карда шавад, ки бо ташаббуси худ ё тарафҳо дар маҷлиси судӣ далелҳои бо вайрон кардани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ

ҷамъовардашуда ва ба суд пешниҳод гардидаро беэътибор дониста, аз парванда хориҷ намояд.

Ғайр аз ин, зарурати бартараф карда шудани баъзе аз ихтилофҳо дар меъёрҳои КМҶ ҶТ доир ба ҳамин масъалаҳо, то имрӯз аз байн нарафтааст. Масалан, қ. 5 м. 145 КМҶ ҶТ пешбинӣ мекунад, ки дар ҳолатҳои зарурӣ прокурор барои гирифтани нишондоди иловагии шахси аризадиҳанда, талаб карда гирифтани ҳуҷҷатҳо, азназаргузаронии ҷои ҳодиса муҳлати санҷиши ариза ва мувофиқан қабул кардани қарорро (дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ ё рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ) то даҳ шабонарӯз дароз карда метавонад. Аз нуқтаи назари қонун, умуман «нишондод» – сарчашмаи далел аст (м.72 КМҶ ҶТ), ки бо ёрии амали тафтишӣ – пурсиш гирифта мешавад, лекин анҷом додани пурсишро, қонун то оғози парвандаи ҷиноятӣ иҷозат надодааст ё дар қонун меъёри махсус вуҷуд надорад, ки «нишондоди иловагии шахси аризадиҳанда»–ро чун сарчашмаи далел пешбинӣ намояд. Ба ғайр аз ин, меъёри мазкур имконияти прокурорро то оғози парвандаи ҷиноятӣ пешбинӣ карда истодааст. Қонун ваколати прокурорро оиди иҷозат додан ба анҷом дода шудани пурсиш то оғози парвандаи ҷиноятӣ, пешбинӣ накардааст. Бинобар ҳамин, ба мақсад мувофиқ аст, ки:

1) дар матни қ. 5 м. 145 КМҶ ҶТ ибораи «нишондоди иловагӣ» бо ибораи «баёноти иловагӣ» иваз карда шавад;

2) беҳтар мешуд агар аз матни ин меъёр ибораҳои «…нишондоди иловагии шахси аризадиҳанда» хориҷ карда шавад. Чунки аз мазмуни матни ҳамин меъёр бармеояд, ки пешбинӣ шудани «...нишондоди иловагии шахси аризадиҳанда» а) имконияти мақомоти таъқиби ҷиноятиро оиди ҷамъ овардани баёноти шахсони дигар маҳдуд карда истодааст; б) …баёноти иловагии аризадиҳанда маротибаи дигар гирифтани баёнотро (яъне, агар баёноти қаблии шахс мавҷуд бошад) ифода карда истодааст.

Ба назар гирифта шудани ин пешниҳод, ихтилофи номбаршударо бартараф намуда дар ҳолатҳои зарурӣ то оғози парвандаи ҷиноятӣ ба прокурор имконият медиҳад, ки барои гирифтани баёнот (на танҳо баёноти аризадиҳанда), талаб карда гирифтани ҳуҷҷатҳо, азназаргузаронии ҷои ҳодиса, дастгирнамоӣ, муҳлати қабул кардани қарори дахлдорро (дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ ё рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ) то даҳ шабонарӯз дароз намояд.

Бо назардошти ҳолатҳои номбаршуда аз қ. 4 м. 44, қ.1 моддаи 312 КМҶ ҶТ калимаи «баёнот» бояд хориҷ карда шавад, дар қ. 3 м. 369, қ. 6 м. 410 КМҶ ҶТ вожаи «баёнот» мувофиқан бо вожаи «нишондод» иваз карда шавад.

Ин навовариҳо дар амал татбиқ гаштани принсипи конститусионии қонуниятро таъмин менамоянд.

Яке аз муҳиммтарин принсипҳои конститутсионии ба амалбарории адолати судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мубоҳиса ва баробарии тарафҳо мебошад (м. 88 Конститутсияи ҶТ). Барои амалӣ гаштани ин асоси роҳбарикунандаи конститутсионӣ дар меъёрҳои қонуни мурофиавии ҷиноятӣ доираи васеи ҳуқуқу имкониятҳои мурофиавии иштирокчиёни он пешбинӣ шудаанд.

КМҶ ҶТ соли 2009 бори аввал шакли мубоҳисавии пешбурди парвандаҳои ҷиноятиро дар меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ карда, иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро ба сифати тарафҳо эътироф кардааст [4]. Қайд кардан зарур аст, ки принсипи мубоҳиса дар байни дигар принсипҳои ба амалбарории адолати судӣ мавқеи хосса дорад [7, с. 71– 72]. Агар принсипи қонуният шакли мурофиавии ҷиноятиро ифода ва таъмин намояд, пас, шакли мубоҳисавии пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ мазмуни мурофиавии судии парвандаи ҷиноятиро ифода ва таъмин менамояд [3, с. 24].

Тарафҳо – иштирокчиёни мурофиа, ки дар муҳокимаи судӣ дар асоси мубоҳиса ва баробарҳуқуқи айбдоркуниро дастгирӣ мекунанд ва ё ҳимояро аз айбдоркунӣ анҷом медиҳанд. Дар муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ ба сифати тарафи айбдоркунанда – прокурор (айбдоркунандаи давлатӣ), ҷабрдида (айбдоркунандаи хусусӣ), даъвогари

гражданӣ, намояндагони қонунӣ ва намояндагони ҷабрдида ва даъвогари гражданӣ баромад мекунанд. Ба сифати тарафи ҳимоя – гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, намояндаи қонунии онҳо, ҳимоятгар, ҷавобгари гражданӣ ва намояндаи қонунии ӯ баромад мекунанд. Суд мақомоти таъқиби ҷиноятӣ нест ва тарафи айбдоркунанда ё ҳимояро ҷонибдорӣ намекунад. Суд барои амали намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии тарафҳо бояд шароит муҳайё намояд.

Иҷроиши вазифаҳои мурофиавии ҷиноятӣ (м. 2 КМҶ ҶТ) акнун на танҳо аз сифати фаъолияти тафтишотии мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, балки аз сатҳи фаъолнокии иштирокчиёни муносибатҳои мурофиавӣ (тарафи ҳимоя) низ вобаста мебошад.

Тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя дар мурофиаи судии ҷиноятӣ баробарҳуқуқанд ва барои ҳимояи мавқеи худ имкониятҳои мурофиавии баробар доранд. Механизми таъмини баробарҳуқуқии тарафҳоро дар ҷорӣ шудани принсипи мубоҳиса дар мурофиаи ҷиноятӣ дидан мункин аст, ки мувофиқи он суд мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё танҳо ҷазодиҳанда нест ва набояд тарафи айбдоркунанда ё ҳимояро ҷонибдорӣ намояд, хулосаи суд (ки дар ҳукм ифода меёбад) аз хулосаи айбдоркунӣ ё мавқеи ҳимоятгар вобастагӣ надорад.

Тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя дар мурофиаи судии ҷиноятӣ барои тақвият ё ҳимояи мавқеи худ имкониятҳои баробар доранд. Суд якҷоя бо иштироки тарафҳо дар тафтиши судӣ далелҳоеро мавриди санҷиш ва баҳодиҳӣ қарор медиҳад, ки ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта, ё айби шахсро дар содир кардани ҷиноят ё бегуноҳии судшавандаро тасдиқ мекунанд. Бинобар ин, тибқи м. 339 КМҶ ҶТ ҳукми айбдоркунанда ба шарте бароварда мешавад, ки дар ҷараёни муҳокимаи судӣ гунаҳгор будани судшаванда дар содир намудани ҷиноят бо маҷмуи далелҳои таҳқиқшуда тасдиқ ёбад. Ҳукми айбдоркунанда ба тахмин асос ёфта наметавонад.

Суд мустақилият, беғаразӣ ва холисии худро нигоҳ дошта, роҳбарии мурофиаро анҷом медиҳад. Суд таъиноти (функсияи) таъқибнамоӣ, айбдоркуниро, ё танҳо ҷазодиҳиро надорад. Бинобар ин, қонун асосҳои қабул шудани ҳукми сафедкунандаро низ ҳангоми мавҷуд набудани ҳодисаи ҷиноят; ҳангоми дар кирдори судшаванда мавҷуд набудани аломатҳои таркиби ҷиноят, инчунин дар сурати бо далелҳо исбот нашудани иштироки судшаванда дар содир кардани ҷиноят, пешбинӣ кардааст. Суд, судя ба далелҳо аз нуқтаи назари кифоя будан барои ҳалли масъалаи гунаҳгор ё бегуноҳ будани судшаванда баҳо медиҳанд. Барои суд ягон далел пешакӣ қувваи муайянкунандаро доро нест. Мувофиқат накардани хулосаи суд, ки дар ҳукм баён шудаанд, ба ҳолатҳои воқеии парванда асоси бевоситаи бекор кардани ҳукм мебошад (м. 374 КМҶ ҶТ).

Эътироф гаштани қоидаҳои мубоҳиса дар мурофиаи ҷиноятӣ ба мазмуни қоидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ки дар ҷараёни дигар марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ дида мешаванд, аз ҷумла ба тартиби интихоб ва татбиқи чораҳои маҷбурии хусусияти мурофиавӣ дошта, ба ҷамъоварии далелҳо ва талаботе, ки нисбати маълумоти воқеӣ пешбинӣ шудаанд, таъсири назарраси мусбат мерасонад [1, с. 61].

Аввал ин ки, доираи сарчашмаҳои маълумоти воқеӣ дар қонунгузории мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ пешбинӣ гаштааст, ки дар навбати худ имкониятҳои васеи ҷамъоварии далелҳоро дар баробари анҷом додани амалҳои тафтишотӣ таъмин мекунад.

Дуюм ин ки, доираи субъектоне, ки имконияти ҷамъоварии далелҳоро доранд, танҳо бо мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва суд маҳдуд нашудааст. Бинобар эътироф гаштани баробарии тарафҳо (тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя) ва мубоҳиса дар мурофиаи ҷиноятӣ, хавфи яктарафа анҷом дода шудани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ аз байн рафтааст. Қонун ба

ҳимоятгар, гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, намояндагони ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ё намояндагони онҳо имкониятҳои васеи ҳуқуқиро пешбинӣ кардааст, ки дар ҳама зинаҳои ҷараёни исботнамоӣ, аз ҷумла дар ҷамъоварӣ, санҷидан ва баҳодиҳии маълумоти воқеӣ, фаъолона иштирок намоянд. Дар моддаи 86 КМҶ ҶТ нишон дода шудани ҳуқуқи субъектони номбаршуда (ки бояд риоя ва иҷро шаванд) ҳамин ақидаро тасдиқ мекунад.

Сеюм ин ки, қонун воситаҳои ҷамъоварии далелҳоро, ҳам барои мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва ҳам барои субъектони тарафи ҳимоя, маҳдуд накардааст. Масалан, хулоса ва нишондоди мутахассис; сабтҳои пинҳонӣ; гуфтугӯи телефонии гӯшкардашуда ва сабтгардида; мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофонӣ дар қонун бори аввал ба сифати сарчашмаи далелҳо пешбинӣ шудаанд (м. 72 КМҶ ҶТ); ҷамъоварии маълумот аз ҷониби субъектони тарафи ҳимоя ба тариқи шифоҳӣ ё хаттӣ, сабти аудиою видео, инчунин ашё ва ҳуҷҷатҳо, ки далел шуда метавонанд, талаб карда шудани тавсифнома ва дигар ҳуҷҷатҳо аз муассиса, ташкилот ва корхонаҳои мухталиф, ки бо тартиби муқарраршуда ба додани ин ҳуҷҷатҳо ё нусхаи онҳо ӯҳдадоранд, имконияти васеи ҷамъоварии далелҳоро нишон медиҳанд (м. 86 КМҶ ҶТ). Ҳарчанд меъёрҳои қонунгузории мурофиаии ҷиноятӣ нисбати роҳу воситаҳои ҷамъоварии маълумот аз ҷониби субъектони аз оқибати мурофии ҷиноятӣ манфиатдор шакли махсуси мурофиавиро (ба монанди тартиби анҷом додани амалҳои тафтишотӣ) пешбинӣ накарда бошад ҳам, маълумоти ҷамъовардаи онҳо ҷоиз эътироф мешаванд, чунки:

1) аз ҷониби субъектони дар қонун пешбинӣ шуда ҷамъ оварда шудаанд;

2) бо яке аз роҳу воситаҳои пешбинӣ кардаи қонун ҷамъ оварда шудаанд;

3) ба тариқи яке аз шаклҳои пешбинӣ кардаи қонун (маълумот дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ, сабти аудиою видео, инчунин ашё ва ҳуҷҷатҳо) пешниҳод мешаванд.

Ҷорум, меъёрҳои қонун ҷамъоварии далелҳоро танҳо бо ёрии амалҳои тафтишотӣ маҳдуд намекунад. Дар ин бора А.Э. Раҳматулоев, А.Б. Сангинов хеле бамаврид қайд мекунанд, ки дар ҷараёни исботнамоӣ воситаҳои расмӣ – ҳуқуқӣ низ мавқеъ ва аҳаммияти худро доранд. Воситаҳои расмии исботнамоӣ ба шумор мераванд:

1) презумпсия (м. 15 КМҶ ҶТ);

2) преюдитсия (м. 89 КМҶ ҶТ);

3) расман эътироф кардан (м.м. 29–30, 310 КМҶ ҶТ);

4) қоидаҳои (ҳамчун далел) истисно кардани маълумот (м. 88 КМҶ ҶТ), ки амалӣ гаштани онҳо бе иштироки тарафҳо имконнопазир аст [6, с. 172].

Масъалаи интихоб ва татбиқ гардидани баъзе аз чораҳои маҷбурии хусусияти мурофиавии ҷиноятӣ дошта (чораҳои пешгирӣ ва дигар чораҳои маҷбурӣ) дар маҷлиси судӣ бо иштироки тарафҳо ҳалли худро меёбад. Масалан, қарори оғоз кардани дархост дар бораи интихоб кардани чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан ё татбиқи ҳабси хонагӣ аз ҷониби судяи суди шаҳр ва ноҳия ё ин ки суди ҳарбии гарнизон бо иштироки гумонбаршуда, айбдоршаванда, прокурор, ҳимоятгар, аз рӯи маҳалли пешбурди тафтиши пешакӣ ё ин ки аз рӯи маҳалли дастгиршавии гумонбаршуда баррасӣ карда мешавад. Дар маҷлиси суд инчунин намояндаи қонунии гумонбаршуда ва айбдоршавандаи ноболиғ, муфаттиш, таҳқиқбаранда ҳуқуқи иштирок карданро доранд.

Амали принсипи мубоҳисаро то оғози маҷлиси судӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст. Мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯҳдадории исбот намудани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ба зиммаи мақомоти ваколатдори давлатӣ вогузор гардидааст. Албатта, аз нуқтаи назари принсипи мубоҳиса дар мурофиаи ҷиноятӣ, ба амалбарории таъиноти (функсияи) айбдоркунӣ ва ҳимоя ба зиммаи як тарафи баҳси ҳуқуқӣ вогузор намешавад. Иштироки шахсони мафиатдори мурофиаи ҷиноятӣ –

гумонбаршаванда, айбдоршаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида, айбдоркунандаи хусусӣ, даъвогари граждании ва ҷавобгари гражданиро дар фаъолияти исботнамоӣ то марҳилаҳои судӣ, қонун кафолат медиҳад.

Онҳо метавонанд, мувофиқи тартиботи мурофиавии муқарраркардаи қонун аз имкониятҳои ҳуқуқии худ мустақилона истифода намоянд. Аз ҷумла, далелҳо пешниҳод кунанд; бо протоколи амалҳои тафтишӣ, ки бо иштироки онҳо гузаронида шудаанд, шинос шаванд ва ба онҳо эродҳо баён кунанд; бо иҷозати муфаттиш ё таҳқиқбаранда дар амалҳои тафтишӣ, ки тибқи дархости ӯ ё дархости намояндааш амалӣ мешаванд, иштирок кунанд; пас аз анҷоми тафтиш бо ҳамаи маводи тафтишот шинос шаванд, аз онҳо ҳама гуна маълумотро ба андозаи гуногун барои худ рӯйнавис кунанд ва ғайраҳо. Дар ҷараёни исботнамоӣ мақомоте, ки пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба зиммаи онҳо вогузор гардидааст, вазифадоранд ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, айбдоркунандаи хусусӣ, даъвогари гражданӣ ва ҷавобгари гражданӣ ҳуқуқҳояшонро фаҳмонанд, ба онҳо имконият фароҳам оваранд, ки бо усул ва воситаҳои муқаррарнамудаи қонун мавқеъи худро ҳимоя ва асоснок намоянд, инчунин ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ва молумулкии онҳоро таъмин намоянд.

Ҳамин тариқ, дар сатҳи расмӣ эътироф гаштани принсипи мубоҳиса дар мурофиаи ҷиноятӣ, зарурияти ислоҳоти тамоми институтҳои мурофиаи ҷиноятиро ба миён овард, доираи амали принсипи қонуният васеъ гардид, ки ба ташаккули қоидаҳои марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ мусоидат намуд. Эътироф ва дар амал татбиқ гаштани ин қоидаҳо, минбаъд барои пурра ба шакли таърихии мубоҳисавӣ гузаштани мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам меоранд.

Дигар принсипҳои конститутсионии ба амабарории адолати судӣ дар ҳама зинаҳои исботнамоӣ бевосита амал мекунанд. Дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ вазифаи исботнамоӣ ба зиммаи шахсони ваколатдори мақомоти давлатӣ (тарафи айбдоркунанда) вогузор шудааст, ки иҷроиши ин вазифа дар доираи амали принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ амалӣ мегардад. Яъне, мақомоти давлатӣ иҷроиши ҳамаи унсурҳои исботнамоиро ҳамчун вазифаи расмӣ–давлатӣ таъмин менамояд. Дигар субъектони мурофиаи ҷиноятӣ (тарафи ҳимоя) вазифадор нестанд, лекин ҳуқуқ доранд дар ҷараёни исбонамоӣ иштирок намоянд. Яъне, мақомоти ваколатдори давлатӣ исботнамоиро, бо назардошти хусусиятҳои хосси он (ҷустуҷӯ, ошкор кардан, гирифтан, тасдиқ намудан, асосноккунӣ, баҳодиҳӣ, хулосабарорӣ ва ғайраҳо) дар доираи амали принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ, бо тартиби муқаррар-кардаи қонун, дар ягонагии унсурҳои (зинаҳои) он, аз номи давлат, ба амал мебароранд.

Бинобар ин, исботнамоӣ аз рӯйи принсипи умумирасмӣ будани мурофиаи ҷиноятӣ, ҳамчун шакли фаъолият расмӣ, аз номи давлат новобаста аз хоҳиш ё иродаи шахсони алоҳида, тарафҳо ё мақомот амалӣ мегардад. Исботнамоӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, барои аз номи давлат амалӣ гаштани меъёрҳои ҳуқуқии адолати судӣ замина тайёр мекунад. Новобаста аз ин хулосаҳо, исботнамоӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, на танҳо фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ, балки шакли ҳуқуқии иштироки дигар субъектони мурофиаи ҷиноятӣ аст, ки барои муайян карда шудани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамият дошта, ҳуқуқу уҳдадориҳои худро ба амал мебароранд.

Қисми 4 м. 86 КМҶ ҶТ ба айбдоршаванда ва гумонбаршаванда, ҳимоятгар, айбдоркунандаи хусусӣ, судшаванда, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо, шаҳрвандон, шахсони мансабдори корхона, ташкилоту муассиса имконият додааст, ки маълумотро доир ба парвандаи ҷиноятӣ ба тариқи шифоҳӣ, хаттӣ, сабти аудиою видео, инчунин, ашё ва ҳуҷҷатҳоеро, ки далел шуда метавонанд, дар ҷараёни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, пешниҳод карда метавонанд. Лекин, ин иштирокчиён бо маҷмуи имкониятҳои ҳуқуқӣ оиди ҷамъоварӣ, санҷидан ва баҳодиҳӣ, ки мақомоти таъқиби ҷиноятӣ

доранд (анҷом додани амалҳои тафтишӣ, таъмин нашудаанд. Аз рӯйи ин хулоса, имконияти дигар иштирокчиёнро доир ба исботнамоӣ маҳдудшуда шуморидан ҳам нодуруст аст. Аввал ин ки, дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ имконияти ташкилӣ–моддӣ, таъҷилӣ ва ҳуқуқӣ, қобилияти касбии анҷом додани амалҳои тафтишотӣ ва чорабиниҳои оперативӣ–ҷустуҷӯиро надоранд. Меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ нисбати ҳолати ҳуқуқии дигар иштирокчиёни фаъолияти исботнамоӣ қоидаҳоеро пешбинӣ мекунад, ки бевосита бартарияти манфиат ва ҳуқуқу озодиҳои онҳоро нишон медиҳанд. Масалан, айби шахс дар содир кардани ҷиноят бо далелҳо бояд исбот карда шавад, бегуноҳии шахс бошад ба исбот ҳоҷат надорад; ҳама гуна шубҳаҳои гунаҳгории айбдоршаванда, ки бо тартиби пешбининамудаи қонун бартараф карда намешаванд, ба фоидаи айбдоршаванда маънидод карда мешавад ва ғайраҳо.

Бинобар ин, исботнамоиро ҳамчун шакли фаъолият, танҳо бо уҳдадории исбот, даркнамоӣ ё тасдиқнамоӣ маҳдуд ва аз ҳамдигар ҷудо донистан, иштибоҳ мебошад. Исботнамоӣ на танҳо шакли фаъолияти мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, балки (аз рӯи мазмуни қ. 4 м.86 КМҶ ҶТ) шакли иштироки дигар субъектон дар мурофиаи ҷиноятӣ низ мебошад, ки дар доираи талаботи принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ амалӣ мегардад.

Аз мазмуни меъёрҳои номбаршуда (м.м. 86 – 88 КМҶ ҶТ) ба хулосаи мантиқан нодуруст ва нисбатан маҳдуд ҳам омадан мумкин аст, ки тибқи он исботнамоӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ – агар фаъолияти танҳо мақомоти ваколатдори давлатӣ бошад, пас он танҳо бо мақсади муқаррар ва асоснок кардани айби шахс дар содир кардани ҷиноят анҷом дода мешавад. Яъне, уҳдадории мақомоти таъқиби ҷиноятӣ оиди исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят пеш аз ҳама ба муқаррар карда шудани айби шахс дар содир кардани ҷиноят, ба асоснок ва тасдиқ кардани айби шахс дар содир кардани ҷиноят равона мешавад. Дар ин маврид, исботи дигар ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта, сарфи назар шуда истодааст. Албатта, аз нуқтаи назари принсипи мубоҳиса дар мурофиаи ҷиноятӣ, ба амалбарории таиноти (функсияи) айбдоркунӣ ва ҳимоя ба зиммаи як тарафи баҳси ҳуқуқӣ вогузор намешавад.

Дар ҳамин раванд, агар мо ба мавқеи суд дар ҷараёни исбот назар намоем, суд – мақомоти давлатӣ аст, лекин мақомоти таъқиби ҷиноятӣ нест ва тарафи айбдоркунанда ё ҳимояро ҷонибдорӣ намекунад. Суд мавқеи холисона ва беғаразиро ишғол намуда, дар таҳқиқи пурраи ҳолатҳои парванда, барои амали намудани ҳуқуқи тарафҳо шароити зарурӣ фароҳам меоварад. Суд айби судшаванда ё беайбии ӯро фош намекунад, чунки суд субъекти исботнамоии айби шахс дар содир кардани ҷиноят нест. Ба зиммаи суд ӯҳдадории исботи айби шахс ё беайбии вай вогузор нашудааст. Агар айби шахс дар содир кардани ҷиноят бо далелҳо тасдиқи худро ёбад, пас суд шахсро дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор эътироф мекунад. Агар айби шахс дар содир кардани ҷиноят бо далелҳо тасдиқи худро наёбад, пас суд шахсро дар содир кардани ҷиноят бегуноҳ эътироф мекунад. Ин қоидаҳо аз талаботи принсипҳои мубоҳиса, адолати судӣ оиди парвандаҳои ҷиноятӣ ва принсипи мустақилияти судҳо ва танҳо ба қонун итоат кардани онҳо бармеоянд.

Ваколати суд доир ба таҳқиқи далелҳо аз ваколатҳои муфаттиш, прокурор ва таҳқиқбаранда низ оиди ҷамъоварӣ, санҷиш ва баҳодиҳӣ ба далелҳо мувофиқат намекунад. Суд мустақилона, бе дахолат ва новобаста аз мақеи тарафҳо ба далелҳо аз нуқтаи назари кифоя будан барои ҳалли масъалаи гунаҳгор ё бегуноҳ будани судшаванда баҳо медиҳад. Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ба далелҳо аз нуқтаи назари кифоя будан барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс баҳо медиҳанд. Таъиноти (функсияи) суд ба амалбарории адолати судӣ оиди парвандаи ҷиноятӣ аст, яъне суд парвандаи ҷиноятиро дида баромада муайян мекунад, ки айби шахс дар содир кардани ҷиноят бо далелҳои пешниҳодшуда тасдиқи худро ёфтааст ё не.

Ҳамин тариқ, принсипҳои мубоҳиса ва мустақилияти суд – муҳимтарин принсипҳои адолати судӣ мебошанд, ки дар ҷараёни баҳодиҳӣ ба далелҳои ба суд пешниҳодшуда ва ҳалли масъалаи гунаҳгорӣ ё бегуноҳии шахс дар содир кардани ҷиноят, дар ягонагӣ амал намуда, риоя ва амалӣ гаштани дигар принсипҳои мурофиаи ҷиноятиро низ таъмин менамоянд. Ҳар ду омили номбаршуда – ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ҳамчун функсияи (таъиноти) мурофиаи ҷиноятӣ ва баамалбарории адолати судӣ аз ҷониби суд дар асоси баробарӣ ва мубоҳисаи тарафҳо ба ташаккули минбаъда ва ислоҳоти институтҳои гуногуни мурофиаи ҷиноятӣ такони назаррас додааст. Дигар принсипҳои конститутсионии ба амалбарории адолати судӣ ҳам ин гуна хусуситҳоро доранд.

Масъалаи дигар, бо амалӣ гаштани принсипи эҳтимолиятӣ бегуноҳӣ (м. 20 Конститутсияи ҶТ) вобаста аст. Моддаи 15 КМҶ ҶТ принсипи эҳтимолияти бегуноҳиро дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ муайян кардааст, лекин мавзуи исботнамоиро маҳдудтар нишон додааст, ки тибқи он ҳукми айбдоркуниро бо тахмин асоснок кардан мумкин нест. Ҳукми айбдоркунанда танҳо ба шарте баровarда мешавад, ки дар ҷараёни муҳокимаи судӣ гунаҳгор будани судшаванда дар содир намудани ҷиноят бо маҷмӯи далелҳои таҳқиқшуда тасдиқ гардидааст (м. 339 КМҶ ҶТ).

Аз мазмуни ин меъёрҳо бармеояд, ки танҳо дар сурати исботи худро ёфтани айби судшаванда ҳукми айбдоркунанда баровarда мешавад, лекин ин гуна талабот нисбати ҳукми сафедкунанда дар шакли дигар пешбинӣ шудааст, ки тибқи он, на ин ки исбот шудани беайбӣ, балки исбот нашудани иштироки судшаванда дар содир намудани ҷиноят барои баровардани ҳукми сафедкунанда асос мегардад. Яъне, исботи беайбии шахс дар содир кардани ҷиноят ҳатмӣ нест ё беайбии шахс ба исбот эҳтиёҷ надорад. Эҳтимолият, шубҳа нисбати айбдор донистан не, балки нисбати беайбӣ, бегуноҳӣ тадбиқшаванда эътироф шудааст [9, с. 76].

Презумпсия (эҳтимолият) – қоидаи дар қонун пешбинӣ шуда мебошад, ки мувофиқи он мавҷуд будан ё набудани ҳолати воқеа, ҳодиса, то мавриди бо далелҳо тасдиқ ё рад нашудани онҳо, аз рӯи хулосаи эҳтимолӣ ба эътибор гирифта мешавад. Масалан, тибқи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ (м. 15 КМҶ ҶТ), шахс дар содир кардани ҷиноят бегуноҳ аст, агар айби вай бо тартиби пешбиникардаи қонун, бо далелҳо исбот нашуда бошад. Дар сурати нокифоя будани далелҳое, ки иштироки айбдоршавандаро дар содир кардани ҷиноят муқаррар мекунанд ва ғайриимкон будани ҷамъоварии далелҳои тасдиққунандаи айби шахс дар содир кардани ҷиноят, пешбурди парвандаи ҷиноятӣ қатъ мегардад ё ҳукми сафекунанда баровarда мешавад.

Мувофиқи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ, уҳдадории исботи айб дар содир кардани ҷиноят ба зиммаи шахси ваколатдоре гузошта мешавад, ки айб эълон мекунад. Дар ҷараёни мурофиаи судӣ бошад, уҳдадории исботи гунаҳгории шахс дар содир кардани ҷиноят ба зиммаи айбдоркунандаи давлатӣ – прокурор вогузор шудааст. Яъне, шахсе, ки айбдор мекунад, уҳдадор аст онро исбот намояд, на балки шахсе, ки айбро инкор мекунад. Гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд ва бо тартиби муқарраркардаи қонун, бо далелҳо исботу тасдиқи худро ёфтани айби онҳо дар содир кардани ҷиноят, гунаҳгор дониста намешаванд. Бинобар ин, шахсони номбаршуда уҳдадор нестанд беайбии худро исбот намоянд.

Мувофиқи КМҶ ҶТ (м. 21) яке аз принсипҳои асосии фаъолияти исботнамоӣ тағйир наёфтааст. Ҳамаҷониба, пурра ва холисона муқаррар кардани ҳама ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, на танҳо вазифаи асосии мақомоти ваколатдори давлатӣ дар ҷараёни исботнамоӣ ба шумор меравад, балки ҳамчун асоси роҳбарикунанда дар ҳама зинаҳои исботнамоӣ амал мекунад.

Ҳамаҷониба, пурра ва холисона муқаррар кардани ҳама ҳолатҳои содир шудани ҷиноят вазифаи асосии мақомоти

ваколатдори давлатӣ дар ҷараёни исботнамоӣ ба шумор меравад, ки бо воситаи амалҳои тафтишӣ таъмин шуда метавонад. Аҳаммияти амалҳои тафтишӣ дар он зоҳир мешавад, ки бо ёрии онҳо ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта исбот карда мешаванд, инчунин натиҷаи амалҳои тафтишӣ, ҳалли одилона, қонунӣ ва асосноки масъалаҳои парвандаи ҷиноятиро таъмин менамоянд. Агар ба мазмуни талаботҳои ин принсип диққат диҳем, зарурият ва аҳаммияти он дар ҷараёни исбот баръало зоҳир мешавад. Чунки, талаботи ҳамаҷониба – ин муқаррар карда шудани ҳам ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҳам ҳолатҳои сабуккунанда, ҳам ҳолатҳои айбдоркунанда ва ҳам ҳолатҳои сафедкунандаро доир ба парвандаи ҷиноятӣ ифода мекунад. Талаботи пурра – ин муқаррар карда шудани ҳама ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, ки предмети (мавзӯи) исботнамоиро (м.85 КМҶ ҶТ) ва ҳама ҳолатҳои ба ҳалли дурусти парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдоштаро (м.72 КМҶ ҶТ) ифода мекунад. Талаботи холисона – ин беғаразона, бе зоҳир намудани манфиатдорӣ, новобаста аз мавқеи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, новобаста аз дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдори содиршуда ва оқибатҳои он, новобаста аз шахсият (ҳолатҳое, ки шахсиятро тавсиф медиҳанд) ва шакли айби вай (қасд, беэҳтиётӣ) дар содир кардани ҷиноят, бе фишороаврии беруна муайян карда шудани ҳолатҳои ҳодисаи ҷиноят ва ҳалли масъалаҳои мурофиавиро ифода мекунад.

Ҳамин тариқ, ба роҳбарӣ гирифта шудани талаботи принсипҳои конститутсионии ба амалбарории адолати судӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ва дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ба фаҳмиши дурусти мазмун ва аҳаммияти онҳо, таъмини риоя ва иҷрои онҳо, хусусан дар раванди исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамият дошта, аз як тараф, ба ҳалли баҳсҳои назариявӣ, аз тарафи дигар, ба ҳалли одилони парвандаи ҷиноятӣ мусоидат мекунад. Дар ҷараёни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, ҷамъоварӣ, санҷидан ва баҳодиҳӣ ба далелҳо – ҳамчун унсурҳои сохтори дохилии исботнамоӣ, маҷмӯи ба ҳам пайвастаи амалҳои мурофиавиро ташкил медиҳанд, ки дар доираи амали асосҳои роҳбарикунандаи мурофиаи ҷиноятӣ анҷом дода мешаванд. Ин унсурҳо дар алоҳидагӣ, ҷудо аз ҳамдигар, мақсади ниҳоии исботнамоиро ифода карда наметавонад, ба майли айбдоркунӣ ё сафедкуниро гирифтани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ монеа шуда наметавонанд, инчунин минбаъд татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва иҷроиши вазифаҳои мурофиаи ҷиноятиро таъмин карда наметавонанд.

Бинобар ин, принсипҳои конститутсионии ба амалбарории адолати судӣ ба ҳам пайвастагӣ, ягонагӣ ва ба ҳам вобастагии унсурҳои исботро дар амал таъмин менамоянд. Дар зинаҳои алоҳидаи ҷараёни исботнамоӣ принсипҳои конститутсионии ба амалбарории адолати судӣ бевосита амал мекунанд, вайрон шудан, риоя нагаштани талаботи принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ боиси бекор шудан ё беэътибор дониста шудани натиҷаи амалҳои мурофиавӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, таъмини самаранокии ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва иҷроиши вазифаҳои хосси мурофиаи ҷиноятӣ риоя ва иҷроиши бемайлони талаботи меъёрҳои конститутсионии ба амалбарории адолати судиро тақозо мекунанд. Бартарият пайдо кардани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, ҳамчун арзиши иҷтимоӣ нисбат ба манфиатҳои давлатӣ ва дар сатҳи конститутсионӣ эълон гардидани Тоҷикистон – ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ, ба хусусияти мурофиаи судии ҷиноятӣ таъсири ҷиддӣ расонидаанд. Қабул гаштани санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ, аз ҷумла кодекси нави мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавриди амал қарор дода шудани он, қадами устуворе дар самти пешгирифтаи давлат дар соҳаи ислоҳоти судӣ–ҳуқуқӣ мебошанд.

Эътироф гаштани ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз таҷовузи ҷиноят ва ҷиноятконӣ ҳамчун таъиноти (функсияи) мурофиаи ҷиноятӣ, ҳимоя аз айбдоркунии беасос, аз беасос маҳкум

кардан ё маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ, такмил ёфтани мазмун ва низоми принсипҳои адолати судӣ аз ташаккули дурнамои нави мурофиаи ҷиноятӣ дар самти ҳимояи боэътимоди ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, шаҳодат медиҳанд.

Амалишавии принсипҳои конститутсионии ба амалбарории адолати судӣ дар низоми ба танзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва таъмини адолати иҷтимоӣ, ки аз таҷзияи ҳокимияти давлатӣ сарчашма гирифтааст, мавқеи ҳокимияти судиро дар ин низом ташаккул медиҳанд. Дар ҳаёти имрӯзаи ҷомеа шакли судии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд новобаста аз душвориҳо, пайваста, пайдарҳам дар низоми кафолатҳои таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мавқеи асосиро ишғол карда истодааст.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Головко, Л.В. Принципы неотвратимости ответственности и публичности в современном российском уголовном праве и процессе / Л.В. Головко // Государство и право. – 1999. – № 3. – С. 61–65.
2. Горшенев, В.М., Теория юридического процесса // Под ред. В. М. Горшенева. – М.: Юридическая литература, 1985. – 192 с.
3. Кахоров, Н.М. Основы состязательности в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан: теоретико–правовой аспект: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Насимджон Мазбутович Кахоров. – Бишкек, 2016. – 22 с.
4. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри с. 2009 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, № 12, мод. 815; Қонунҳои ҶТ аз 23.11.2015 с., № 1229; аз 15.03.2021с., №1275; аз 18.03. 2022 № 1857).
5. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 октябри с. 2003 № 15 «Дар бораи такмили минбаъдаи фаъолияти судӣ дар партави тағйиру иловаҳое, ки ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидаанд» // Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1992–2009). – Душанбе, 2009. – 485 с.
6. Раҳматулоев, А.Э., Сангинов, А.Б. Низом ва шакли мурофиавии амалҳои тафтишӣ: воситаи таълимӣ / А.Э. Раҳматуллоев, А.Б. Сангинов. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2011. – 172 с.
7. Раҳматулоев, А.Э., Қаландарова, М.Д. Принсипҳои адолати судӣ оид ба парванадаҳои ҷиноятӣ – кафолати таъмини адолати иҷтимоӣ / А.Э. Раҳматуллоев, М.Д. Қаландарова. – Хуҷанд. 2012. – 124 с.
8. Раҳматулоев, А.Э., Шарифов, Ф.М. Заминаҳои иҷтимоӣ–ҳуқуқии ташаккули давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон / А.Э Раҳматуллоев, Ф.М. Шарифов. – Душанбе: Эр–граф, 2012. – 320 с.
9. Савицкий, В.М. О презумпции невиновности и других принципах уголовного процесса // А.М. Ларин, Э.Б. Мельникова, В. М. Савицкий. Уголовный процесс России. Лекции– очерки // Под ред. В. М. Савицкого. – М.: Норма, 1997. – С. 76–90.
10. Сотиволдиев, Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ: Китоби дарсӣ. Ҷилди 2 / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: Эр–граф, 2010. – 650 с.

**References**

1. Golovko, L.V. Principles of inevitability of responsibility and publicity in modern Russian criminal law and process / L.V. Golovko // State and Law. – 1999. – No. 3. – S. 61–65.
2. Gorshenev, V.M., Theory of the legal process // Ed. V. M. Gorsheneva. – M.: Legal literature, 1985. – 192 p.
3. Kakhorov, N.M. Fundamentals of competitiveness in criminal proceedings of the Republic of Tajikistan: theoretical and legal aspect: author. dis. ... cand. legal Sciences: 12.00.09 / Nasimdzhon Mazbutovich Kahorov. – Bishkek, 2016. – 22 p.
4. The Criminal Procedure Code of the Republic of Tajikistan dated December 3. 2009 // News of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan, p. 2009, No. 12, art. 815; Laws of the Republic of Tajikistan dated 23.11.2015, No. 1229; dated 15.03.2021, No. 1275; from 18.03. 2022 No. 1857).
5. The decision of the Plenum of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan dated October 2. 2003 No. 15 "On the further improvement of judicial activity in the light of the amendments made to the

Constitution of the Republic of Tajikistan" // Collection of decisions of the Plenum of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan (1992–2009). – Dushanbe, 2009. – 485 p.

6. Rakhmatuloev, A.E., Sanginov, A.B. System and procedural form of investigative actions: educational tool / A.E. Rahmatulloev, A.B. Sanginov. – Khujand: Meraj, 2011. – 172 p.

7. Rahmatuloev, A.E., Qalandarova, M.D. Principles of judicial justice in criminal cases – guarantee of ensuring social justice / A.E. Rahmatulloev, M.D. Qalandarova. – They are good. 2012. – 124 p.

8. Rahmatuloev, A.E., Sharifov, F.M. Social–legal background of the formation of the rule of law state in Tajikistan / A.E. Rahmatulloev, F.M. Sharifov. – Dushanbe: Er–graf, 2012. – 320 p.

9. Savitsky, V.M. On the presumption of innocence and other principles of the criminal process // A.M. Larin, E.B. Melnikova, V. M. Savitsky. Russian criminal procedure. Lectures–essays // Ed. V. M. Savitsky. – M.: Norma, 1997. – P. 76–90.

10. Sotivoldiev, R.Sh. Problems of the theory of state and law: Textbook. Volume 2 / R.Sh. Sotivoldiev. – Dushanbe: Er–graf, 2010. – 650 p.

**УДК 343.9.01**

# КРИМИНОЛОГИЧЕСКАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ЛАТЕНТНОЙ ПРЕСТУПНОСТИ РЕЛИГИОЗНЫХ ЭКСТРЕМИСТСКИХ ОРГАНИЗАЦИЙ

# ТАВСИФИ КРИМИНОЛОГИИ ҶИНОЯТҲОИ ЛАТЕНТИИ ТАШКИЛОТҲОИ ЭКСТРЕМИСТИИ ДИНӢ

# CRIMINOLOGICAL CHARACTERISTICS OF LATENT CRIMINALITY OF RELIGIOUS EXTREMIST ORGANIZATIONS



Олейник О.С.
Oleynik O.S.
*Адъюнкт кафедры уголовного права и криминологии Краснодарского университета МВД России, лейтенант полиции*
*Адъюнкти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминологияи Донишгоҳи ВКД Россия дар ш. Краснодар, лейтенанти политсия*
*Associate Professor of the Department of Criminal Law and Criminology Krasnodar University of the MIA of Russia, Police Lieutenant*
e-mail: olga.litvinova.2000@list.ru

*Научная специальность*: 12.00.08 – Уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право (5.1.4. Уголовно–правовые науки).

*Ихтисоси илмӣ*: 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (5.1.4. Илмҳои ҷиноятӣ–ҳуқуқӣ).

*Scientific specialty*: 12.00.08– Criminal law and criminology; penal law (5.1.4. Criminal law sciences).

*Рецензент*: Максимов П.В. – заместитель начальника кафедры уголовного права и криминологии Краснодарского университет МВД России, кандидат юридических наук, полковник полиции.

*Тақриздиҳанда*: Максимов П.В. – муовини сардори кафедраи хуқуқи ҷиноятӣ ва криминологияи Донишгоҳи ВКД Россия дар ш. Краснодар, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники политсия.

*Reviewer*: Maksimov P.V. – Deputy Head of the Department of Criminal Law and Criminology of the Krasnodar University of the Ministry of Internal Affairs of Russia, Candidate of Legal Sciences, Police Colonel.

*Аннотация*: Статья посвящена рассмотрению проблемы латентности в ходе криминологического изучения деятельности религиозных экстремистских организаций. Выделены факторы, которые влияют на латентную преступность религиозных экстремистских организаций. С учетом этого, автором раскрыты направления минимизации латентной преступности: совершенствование нормативно–правового обеспечения, совершенствование деятельности правоохранительных органов, правовое воспитание и просвещение населения, научные исследования оценки латентности.

*Ключевые слова:* латентность, преступность, религиозный экстремизм, религиозные экстремистские организации, факторы латентности, превентивные меры.

*Аннотатсия*: Мақола ба проблемаи латентӣ дар ҷараёни омузиши криминологии фаъолияти ташкилотҳои экстремистии динӣ бахшида шудааст. Омилҳое, ки ба ҷиноятҳои латентии ташкилотҳои экстремистии динӣ таъсир мерасонанд, нишон дода шудаанд. Бо

дарназардошти ин, муаллиф самтҳои кам кардани ҷиноятҳои латентӣ: мукаммал намудани таъмини меъёрӣ–ҳуқуқӣ, такмили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, тарбияи ҳуқуқӣ ва маърифати аҳолӣ, тадқиқоти илмии баҳодиҳии латентиро ошкор намудааст.
*Вожаҳои калидӣ*: латентӣ, ҷинояткорӣ, экстремизми динӣ, ташкилотҳои экстремистии динӣ, омилҳои латентӣ, тадбирҳои пешгирикунанда.

*Annotation*: The article is devoted to the problem of latency in the course of criminological study of the activities of religious extremist organizations. The factors that influence the latent criminality of religious extremist organizations are highlighted. With this in mind, the author reveals the directions of minimizing latency: improving regulatory support, improving the activities of law enforcement agencies, legal education and public education, scientific studies of latency assessment.
*Key words*: latency, crime, religious extremism, religious extremist organizations, latency factors, preventive measures.

**П**реступная деятельность экстремистских организаций выступает угрозой для обеспечения национальной безопасности. Стратегией национальной безопасности Российской Федерации, утвержденной указом Президента Российской Федерации № 400 от 02.07.2021, деятельность радикальных общественных объединений и группировок, использующих религиозную экстремистскую идеологию, отнесена к основным угрозам государственной и общественной безопасности [1]. В начале 2022 года на расширенном заседании коллегии МВД России Президент Российской Федерации В.В. Путин отметил, что возросло количество совершаемых преступлений экстремистской направленности, которые связаны с разжиганием межнациональной, религиозной и социальной вражды [2]. За последние десять лет наблюдается значительный прирост преступлений экстремистской направленности. В период с 2012 по 2022 г. их количество увеличилось с 696 до 1566 [3]. Значительная часть совершенных преступлений относится к деятельности экстремистских организаций. В соответствии со статьей 1 Федерального закона от 25.07.2002 N 114–ФЗ «О противодействии экстремистской деятельности» под экстремистской организацией следует понимать общественное или религиозное объединение либо иную организацию, в отношении которых судом принято вступившее в законную силу решение о ликвидации или запрете деятельности в связи с осуществлением экстремистской деятельности [4]. Исходя из данного определения, мы установили, что экстремистские организации подразделяются на общественные и религиозные.

Одной из проблем выступает латентная преступность религиозных экстремистских организаций, которая влияет на объективную оценку действительных масштабов преступности и разработку эффективных превентивных мер. В связи с отсутствием криминологических исследований в области латентной преступности религиозных экстремистских организаций возникает необходимость в проведении комплексного изучения указанной проблемы. Данное обстоятельство обусловлено тем, что деятельность религиозных экстремистских организаций формируется под скрытыми оппозиционными догмами по распространению экстремистской идеологии на широкие массы. В связи с чем, их деятельность направлена на систематическое вовлечение новых адептов с целью расширения сферы своего влияния. Исходя из этого, можно отметить, что отсутствие данных о склонении, вербовке или ином вовлечении лиц, в деятельность религиозных экстремистских организаций, в том числе само участие, влияют на установление группы риска, которые склоны быть вовлеченными. Поэтому отсутствие данных о преступлениях, предусмотренных частями 1.1. и 2 статьи 282.1 Уголовного кодекса РФ (далее – УК РФ) негативно влияет на своевременное применение превентивных мер для предупреждения вовлечения, в том числе, самой деятельности религиозных экстремистских организаций.

На наш взгляд, латентная преступность религиозных экстремистских организаций порождает искаженное представление о количественно–качественных показателях совершаемых преступлений, создает трудности по установлению детерминант, образует проблемы применения превентивных мер и разработки достоверных криминологических прогнозов. В связи с чем, возникает необходимость проведения научных исследований в области латентной преступности религиозных экстремистских организаций. Изучение латентности имеет важное значение как для криминологической науки, так и для практической деятельности, направленной на предупреждение совершаемых преступлений религиозными экстремистскими организациями.

Прежде всего необходимо отметить, что совершаемые религиозными экстремистскими организациями преступления характеризуются высоким уровнем латентности. Потерпевшие осознают преступную деятельность и заинтересованы скрыть от правоохранительных органов и посторонних лиц преступления, связанные с вовлечением, участием и совершением иных противоправных действий. Необходимо отметить, что деятельность религиозных экстремистских организаций связана не только с экстремизмом, но и с совершением иных преступлений против жизни, здоровья и собственности, которые остаются без учета правоохранительных органов.

Деятельность по вовлечению в религиозные экстремистские организации новых участников в работе правоохранительных органов трудно устанавливаемая, так как организаторы используют различные способы для сокрытия преступных действий. Как отмечает А.М. Шаганян, организаторы и участники используют различные методы и способы по рекрутированию неофитов в свою деятельность [5, с. 105]. Как известно, данный процесс осуществляется скрыто с целью устранения возможного воздействия на выбранную жертву и для достижения желаемого результата по вовлечению.

